Маҳз барои ҳамин, вақте ки сухан дар бораи аз ҷониби ҷабрдида дар мурофиаи ҷиноятӣ пешниход намудани даъво барои ҳимояи ҳуқуқҳои граждании ӯ меравад, татбиқи м. 131 КМГ ФР аз рӯи қиёс қатъиян истисно карда мешавад [13, с.409]. Масъала дигар аст, идома медиҳад Л.В. Головко, агар ҷабрдида талаботи худро дар шакли хаттӣ ифода намуда, онро аризаи даъвогӣ номгузорӣ намояд, аммо чунин аризаи даъвогӣ ба маънои мурофиавии ҷиноятӣ дархост ҷиҳати ба ҳайси даъвогари гражданӣ эътироф намудан мебошаду халос [13, с. 409].

Ҳамчунин Л.В. Головко ба хулоса меояд, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ ду тарзи пешниҳоди даъвои гражданиро дар мурофиаи ҷиноятӣ ҷудо намудан мумкин мебошад:

а) тартиби умумӣ;

б) тартиби махсус, ки аз онҳо таҳия кардан ё таҳия накардани аризаи даъвогӣ вобастагӣ дорад.

Тартиби умумӣ, аз нигоҳои муаллифи мазкур, бо роҳи баровардани қарор дар бораи шахси мувофиқро ба ҳайси даъвогари гражданӣ эътироф намудан, ки дар бештари мавридҳо ба вуқӯъ мепайвандад ва тартиб додани аризаи даъвогиро талаб намекунад, анҷом дода мешавад.

Тартиби махсус бошад, ба андешаи ӯ, бо роҳи аз ҷониби прокурор пешниҳод намудани даъво аз номи шахсоне, ки имконияти ҳимоя кардани ҳуқуқҳои мурофиавии худро надоранд ё аз номи давлат, ки ҳолати махсус ба шумор меравад ва аз ҷониби прокурор ҳатман таҳия намудани аризаи даъвогиро зимни ба суд фиристодани парвандаи ҷиноятӣ баъди хотима ёфтани тафтишоти пешакӣ ё дар давраҳои судӣ то хотима ёфтани тафтишоти судӣ тақозо менамояд, сурат мегирад [13, с.401].

Дар иртибот ба хулосаи болозикр, гуфтанӣ ҳастем, ки шахси аз ҷиноят зарардида дар мурофиаи ҷиноятӣ на ҳуқуқҳои мурофиавии худ, балки ҳуқуқҳои моддии худро ҳимоя мекунад. Зиёда аз он, прокурор на аз номи шахси аз ҷиноят зарардида, балки аз номи худ даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод менамояд.

Ба ақидаи С.Ю. Туров, на танҳо шакл ва мазмуни аризаи даъвогӣ, балки

тамоми истеҳсолот оид ба даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин масъалаҳои дигари алоқаманд бо парвандаи ҷиноятӣ бояд тавассути меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз нуқтаи назари табиати иҷтимоӣ танзим карда шавад. Чунки даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ аз нуқтаи назари табиати иҷтимоию ҳуқуқиаш падидаи мурофиавии ҷиноятӣ мебошад [14, с. 26].

Мутобиқи қ. 1 м. 128 КМҶ ҶТ шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки даъво арз кардааст, бо тартиби муқаррарнамудаи қ. 1 м. 44 КМҶ ҶТ даъвогари гражданӣ эътироф мешавад. Дар асоси таҳлили қ. 1 м. 44 КМҶ ҶТ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба ҳайси даъвогари гражданӣ метавонад шахсе эътироф гардад, ки ба ӯ дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарари молумулкӣ ва ё маънавӣ расонида шудааст. Инчунин, дар қ. 1 м. 127 КМҶ ҶТ, ки давоми мантиқии қ. 1 м. 44 КМҶ ҶТ мебошад, зикр мешавад, ки маҳз шахси аз ҷиноят ё кирдори бо қонуни ҷиноятӣ манъгардидаи шахси номукаллаф зарардида, метавонад даъвои гражданӣ арз кунад.

Ба назари мо, чунин муқаррарот ба принсипи конститутсионии эҳтимолияти бегуноҳӣ мувофиқат намекунад [19, с.145]. Чунки мутобиқи принсипи болозикр ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста намешавад (қ. 1 м. 20 Конститутсияи ҶТ, қ. 1 м. 15 КМҶ ҶТ).

Яъне фактҳои асоси даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: мавҷудияти ҷиноят дар кирдори судшаванда, бо ин кирдор ба шахс расонидани зарар, инчунин алоқаи сабабии байни кирдори ҷиноятӣ ва оқибати он аз ҷониби суд дар хатми маҷлиси судӣ бо санади ниҳоии судӣ – ҳукми судӣ муқарар карда мешавад.

Даъвогари гражданӣ бошад, ба мурофиаи ҷиноятӣ то қисми хотимавии маҷлиси судӣ, ки дар он ҳукми судӣ қабул мегардад, метавонад ворид шавад. Зеро чи тавре ки қаблан зикр намудем, тибқи қ. 1 м. 127 КМҶ ҶТ шахсе, ки аз ҷиноят ё кирдори бо КҶ ҶТ манъгардидаи шахси номукаллаф зарар дидааст, ҳуқуқ дорад аз лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ, то оғози тафтиши судӣ даъвои гражданӣ пешниҳод намояд.

Аз ин рӯ, то қабули ҳукми судӣ, ки тавассути он факти ба даъвогари гражданӣ бо ҷиноят ё кирдори бо КҶ ҶТ манъгардидаи шахси номукаллаф расонидани зарар муқаррар карда мешавад, ӯро ҳамчун шахси воқеан ҳам аз ҷиноят зарардида ҳисобидан мумкин нест. Чунки ҳангоми оғози парвандаи ҷиноятӣ сухан дар бораи мавҷуд будани асос барои эҳтимол намудани он ки ба шахс аз ҷинояти мазкур зарар расонида шудааст, меравад.

Ба андешаи мо, дар асоси принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ танҳо мавҷуд будани асос барои эҳтимол намудани он ки ба шахс аз ҷинояти мазкур зарар расонида шудааст кифоя аст, ки ӯ даъвогари гражданӣ эътироф карда шавад.

Ғайр аз ин, агар мо даъвогари гражданиро ҳанӯз дар лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ, ҳамчун шахси ба ӯ воқеан ҳам аз ҷиноят ё кирдори бо КҶ ҶТ манъгардидаи шахси номукаллаф зарардида муайян намоем, қабули қарор оид ба ин мақом эътироф намудани ӯ аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва таъинот аз ҷониби суд низ аз ин ҳолат вобаста гардида, дар амалия метавонад муаммо эҷод намояд.

Мувофиқан, ба назари мо, дар қонуни мурофиавии ҷиноятии ФР масъалаи таҳлилшаванда ҳалли бештар дурусти худро ёфтааст. Тибқи қ.1 м. 44 КМҶ ФР даъвогари гражданӣ шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқие эътироф карда мешавад, ки талабот оид ба рӯёнидани зарари молумулкӣ ҳангоми мавҷуд будани асос барои эҳтимол намудани он ки ба ӯ зарари мазкур бевосита бо ҷиноят расонида шудааст, пешниҳод намудааст.

Бо назардошти фикру мулоҳизаҳои дар боло зикршуда таклиф менамоем, ки қ. 1 м. 44 КМҶ ҶТ дар таҳрири зерин дарҷ карда шавад: “даъвогари гражданӣ шахсе эътироф карда мешавад, агар асос барои эҳтимол намудан мавҷуд бошад, ки ба ӯ дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарари молумулкӣ ва ё маънавӣ расонида шуда, оид ба рӯёнидани он даъво

пешниҳод кардааст”. Ҳамчунин, ба қ. 1 м. 127 КМҶ ҶТ ворид намудани тағйироти шабеҳ мувофиқи мақсад аст.

Таҳлили маводи амалияи тафтишотӣ нишон медиҳад, дар баъзе мавридҳо асоси ба ҳайси даъвогари граждании эътироф намудани шахс бармало ба ӯ бо ҷиноят расонидани зарари моддӣ ба шумор меравад. Масалан, дар қарори эътироф кардани даъвогари граждании аз 14-уми марти соли 2017, ки муфаттиши ШТ Шуъбаи ВКД-и ҶТ дар шаҳри Конибодом қабул намудааст, гуфта мешавад, ки ӯ маводҳои парвандаи ҷиноятии № 23232-ро нисбат ба шаҳрванд Ғ.Ф.С. дида баромада, муайян кардааст: шаҳрванд Ғ.Ф.С., санаи таваллудаш 9-уми июни соли 1976, ҷинояти қаллобиро, яъне тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ бо аломатҳои расонидани зарари махсусан калон ба шаҳраванд дар ҳолатҳои зерин содир намудааст.

Чунончи, шаҳрванд Ғ.Ф.С. дар вазифаи директори ҶДММ “Вектор-М” фаъолият намуда, ба мақсади қаллобӣ тахминан аввалҳои моҳи апрели соли 2016 дар ҳудуди шаҳри Конибодом ба шаҳрванд Ш.А.А. вохӯрда, ба боварии ӯ даромада, ӯро ба қитъаи замини масоҳаташ 0,06 гектари корхонааш, воқеъ дар шаҳри Конибодом бурда, аз шаҳрванд Ш.А.А. маблағи 11000 (ёздаҳ ҳазор) доллари ИМА гирифтааст ва ваъда додааст, ки ин қитъаи заминро ба номи Ш.А.А. ҳуҷҷатгузорӣ карда медиҳад.

Ҳамин тариқ, гуфта мешавад, дар қарори муфаттиш аз 14-уми марти соли 2017, шаҳрванд Ғ.Ф.С. маблағи пулии болозикри 11000 (ёздаҳ ҳазор) доллари аз Ш.А.А. гирифтаашро аз они худ намуда, ба шаҳрванд Ш.А.А. зарари моддӣ ба миқдори махсусан калон расонидааст.

Бо дар назар доштани фикру мулоҳзаҳои дар боло зикршуда, муфаттиш дар асоси м. 44 КМҶ ҶТ қарор кардааст, ки Ш.А.А. бо парвандаи ҷиноятии мазкур даъвогари гражданӣ эътироф карда шуда, ба ӯ дар ин бора эълон карда шавад.

Инчунин, аз матни қарори муфаттиш аз 14-уми марти соли 2017 бармеояд, ки ба даъвогари гражданӣ нусхаи он супорида шуда, ба ӯ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дар қисмҳои 4 ва 5 м. 44 КМҶ ҶТ пешбинишуда, фаҳмонида шудааст, ки инро шаҳрванд Ш.А.А. бо имзои худ дар қарор тасдиқ менамояд.

Ҳамзамон, дар амалияи тафтишотӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки аз қарор ба ҳайси даъвогари гражданӣ эътироф намудан бармаъло ба шахс расонида шудани зарари моддӣ барнамеояд.

Масалан, муфаттиши ШТ ШВКД-2 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар қарор дар бораи даъвограи гражданӣ эътироф намудан дарҷ менамояд, ки маводҳои парвандаи ҷиноятии № 4411-ро нисбат ба шаҳрванд Н.С.Н. дида баромада, ба эътибор гирифтааст, ки ҷинояти содиршуда ба шаҳрванд А.А.А. зарари миёна расонидааст. Аз ин ҷо, муфаттиш бо дастрасии м. 44 КМҶ ҶТ “қарор кардааст, оид ба парвандаи ҷиноятии мазкур шаҳрванд А.А.А. ҷабрдида ва даъвогари гражданӣ эътироф карда шуда, ба ӯ фаҳмонида шавад, ӯ ҳақ дорад донад: оид ба ҳолати кор баёнот диҳад, далелҳо пешниҳод кунад, илтимосҳо кунад, ба маводҳои парвандаи ҷиноятӣ шинос шавад, изҳори рад кунад аз болои ҳаракатҳои муфаттиш, прокурор ва суд шикоят кунад”*.

Сипас дар қарор аз 14-уми марти 2018 зикр мешавад, ки “Баъд аз шинос шудан бо қарор ҷабрдида ва даъвогари гражданӣ изҳор намуд, ки ҳуқуқҳояш ба ӯ фаҳмонида дода шуда ва ӯ фаҳмид”. Қарори болозикр бо имзои шаҳрванд А.А.А. хотима меёбад, ки пеш аз он навишта шудааст: “Ҷабрдида ва даъвогари гражданӣ”.

Чи тавре ки аз матни қарор аз 17-уми апрели соли 2018 дар бораи даъвогари гражданӣ эътироф намудан бармеояд: якум, маълум нест, ки дар асоси кадом кирдори ҷиноятии бо КҶ ҶТ пешбинишуда, ба шаҳрванд А.А.А. зарар расонида шудааст ва бо кадом асос зарари расонидашударо муфаттиш миёна

* Дар қисматҳои дар дохили нохунак овардашуда, матни аслии қарори муфаттиш дар бораи даъвогари гражданӣ эътироф намудан нигоҳ дошта шудааст.

меҳисобад; дувум, бо кадом сабаб ба даъвогари гражданӣ тамоми ҳуқуқҳои дар қ. 4 м. 44 КМҶ ҶТ пешбинишуда, фаҳмонда нашудаанд ва муфаттиш дар номбар намудани ҳуқуқҳои ба даъвогари гражданӣ тааллуқдошта, истилоҳотро бо салоҳдиди худ мавриди истифода қарор медиҳад; сеюм, барои чӣ ба даъвогари гражданӣ уҳдадориҳои ӯ умуман фаҳмонда нашудаанд. Ҳол он ки тибқи талаботи қ. 2 м. 128 КМҶ ҶТ ба зиммаи муфаттиш ба даъвогари гражданӣ фаҳмонидани тамоми ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дар қисмҳои 4 ва 5 м. 44 КМҶ ҶТ пешбинигардида, вогузор карда шудааст.

Ҳамчунин қонун муҳлатро барои анҷом додани амал аз ҷониби муфаттиш, прокурор ва суд ҷиҳати ба сифати даъвогари гражданӣ эътироф кардани шахси аз ҷиноят зарардида, муайян накардааст. Ин ҳолат, ки дар қонуни баъзе давлатҳои дигар низ ба назар мерасад, мумкин аст, боиси вайрон шудани ҳуқуқҳои шахсони аз ҷиноят зарардида шавад [20, с.13].

Зиёда аз он, чунин ҳолат барои саривакт шурӯъ шудани пешниҳоди даъво ва баррасии он низ то андозае монеа мегардад. Аз ин рӯ, таклифи дар адабиёт пешниҳодшударо ҷиҳати дар қонун муайян намудани мӯҳлати ба сифати даъвогари гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ эътироф карданро мубрам меҳисобем [20, с.13].

Масъалаи дигаре, ки бо падидаи ба ҳайси даъвогари гражданӣ эътироф намудани шахси аз ҷиноят зарардида иртибот дорад, масъала оид ба доираи шахсони босалоҳият мебошад, ки қарор (таъинот)-и мувофиқро метавонанд қабул намоянд (қ. 2 м. 44 КМҶ ҶТ). Зимни таҳлили коидаҳои монанди КМҶ ФР Э.В. Жидков ба хулоса меояд, ки доираи шахсони ваколатдор, ки ба хайси ҷабрдида ва даъвогари гражданӣ шахсро метавонанд эътироф намоянд дар қонуни зикршуда беасос маҳдуд, карда мешавад [21, с. 30]. Чунки, давом медиҳад ин муаллиф, ба ҳайси ҷабрдида ё даъвогари гражданӣ эътироф намудан ҳангоми мавҷуд будани маълумоти зарурӣ бояд ҳар чи зудтар сурат гирад, ваколати ҷабрдида ё даъвогари гражданӣ эътироф намуданро бояд тамоми субъектҳое, ки ваколати оғоз намудани парвандаи гражданиро доранд, яъне таҳкикбаранда, муфаттиш, роҳбари мақомоти тафтишотӣ ё мақомоти таҳиқ низ бояд дошта бошанд [21, с. 29]. Назари мазкур барои қонуни мурофиавии ҷиноятии ватанӣ ҳам рӯзмарра буда, таклиф менамоем, ки ба к. 2 м. 44 КМҶ ҶТ тағйироти мувофиқ ворид карда шавад.

Аз нигоҳи Е.А. Золотая, муносибатро нисбат ба тарҳезии вазъи ҳуқуқии шахси арзкунандаи талабот оид ба ҷуброн намудани зарараи молумулкии аз ҷиноят расонидашуда комилан бояд тағйир дод [22, с. 11]. Ба мақоми даъвогари гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, фикру мулоҳизаҳои худро идома медиҳад муаллифи мазкур, бояд ҳар шахсе, ки бо ҷиноят ҳуқуқҳои молумулкиаш вайрон гардидааст, тавонад довталаби намояд, новобаста аз он ки шахсони ваколатдор ӯро расман ба сифати ҷабрдида эътироф намудаанд ё на.

Аммо, ин муаллиф, дар хулосабарории худ мутаассил нест. Чунки баъдан ӯ иброз менамояд, ки ду шакли истеҳсолоти даъвогӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ роҳандозӣ шавад: дар яке аз онҳо ба сифати субъект шахсе маҳсуб меёбад, ки вазъи ҷабрдида ва даъвогари гражданиро аз муфаттиш гирифтааст, дар шакли дувум субъект танҳо бо пешниҳоди аризаи даъвогӣ вазъи даъвогари гражданиро ба даст меоварад [22, с. 12].

Яъне, бе иловатан ба сифати даъвогари гражданӣ аз ҷониби шахсони ваколатдор эътироф гардидан.

Инак, дар асоси фикру мулоҳизаҳое, ки дар боло оид ба тартиби пешниҳоди даъвои гражданӣ дар мурофиа ҷиноятӣ зикр намудем, хулосаҳо ва пешниҳодоти зеринро манзур менамоем:

1) дар матни КМҶ ҶТ (қ. 5 м. 127 КМҶ ҶТ, қ. 1 м. 279 КМҶ ҶТ), ки имконияти аз ҷониби прокурор ба манфиати давлат пешниҳод кардани даъвои гражданиро пешбинӣ менамояд, мафҳуми давлат шарҳ дода намешавад. Бояд тазаккур дод, ки дар КМГ ҶТ, ки имконияти аз ҷониби прокурор пешниҳод кардани даъворо ба манфиати давлат

танзим менамояд (қ. 1 м. 47 КМГ ҶТ) танзими бештар мувофиқ ба қонуни моддӣ пешбинӣ шудааст ва ибораи бештар дақиқи "ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон" истифода мешавад. Аммо тасвеаи қ. 1 м. 47 КМГ ҶТ-ро низ пурра мувофиқ ба КГ ҶТ гуфтан мумкин нест. Чунки дар КГ ҶТ (боби 5) байни истилоҳҳои "Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "воҳидҳои марзию маъмурӣ" тафовут гузошта мешавад. Мувофиқан бознигари кардани моддаҳои КМҶ ҶТ дар самти зикршуда низ мувофики мақсад аст;

2) аз мазмуни қ. 1 м. 126 КМҶ ҶТ бармеояд, ки даъвои гражданӣ аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия ба мақсади рӯёнидани зараре, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят расонида шудааст, мумкин аст пешниҳод шавад. Аммо ба манфиати кӣ пешниҳод гардидани даъвои гражданӣ аз ҷониби мақомоти мазкур дар қонун зикр нагардидааст. Аз ин рӯ, оид ба ин масъала низ ба қонуни мурофиавии ҷиноятӣ бояд илова ворид карда шавад. Ба назари мо, ин амалро бо роҳи дар қ. 5 м. 126 КМҶ ҶТ, ки "Пешиҳоди даъвои гражданӣ" ном дорад, дарҷ намудани муқаррарот бо мазмуни зерин анҷом додан мумкин аст: "Барои ҳифзи манфиати давлат, ҷамъият ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон прокурор ва мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод менамоянд". Ило бар ин, қ. 3 м. 44 КМГ ҶТ, ки ба ҳаракати мурофиавӣ оид ба пешниҳоди даъвои гражданӣ  тааллуқ дорад, аз моддаи зикршуда хориҷ карда шуда, ба сифати қ. 6 дар м. 127 КМҶ ҶТ ҷойгир карда шавад, бештар мувофиқи мақсад мебуд;

3) дар КМҶ ҶТ дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои прокурор ва мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия, ки даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод намудаанд, муқаррароти дақиқ мавҷуд нест. Бинобар ин, таклиф менамоем, ки дар м. 127 КМҶ ҶТ муқаррароти нав бо рақами 7 бо мазмуни зерин пешбинӣ карда шавад: "Прокурор ва мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия, ки даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод намудаанд, аз ҳуқуқҳои мурофиавии даъвогари гражданӣ, ки бо даъвои гражданӣ иртибот доранд, истифода намуда, ӯҳдадориҳои мурофиавии даъвогари гражданиро, ки бо даъвои гражданӣ иртибот доранд, иҷро менамоянд";

4) тобеияти судии даъвои гражданиро дар мурофиа ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷудогона, яъне тобеияти судии алтернативии махсус эътироф намудан мумкин мебошад;

5) таклиф менамоем, ки дар КМҶ ҶТ вақти итмоми пешниҳоди даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ то ба хонаи машваратӣ барои қабули санади судии ниҳоӣ рафтани суд муайян карда шавад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки дар қ. 1 м. 127 КМҶ ҶТ  ба ҷои калимаҳои "оғози тафтиши судӣ" калимаҳои "ба хонаи машваратӣ барои қабули санади судии ниҳоӣ рафтани суд" дарҷ гардад;

6) асоси оғози истеҳсолот оид ба даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ мавҷудияти се факти ҳуқуқӣ, яъне таркиби ҳуқуқии зерин мебошад. Факти ҳуқуқии аввал ин оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ, факти ҳуқуқии дувум: эҳтимолияти ба шахс бо ҷиноят расонида шудани зарар ва факти ҳуқуқии сеюм – ба сифати даъвогари гражданӣ бо санади мувофиқи шахси ваколатдор эътироф шудани шахс;

7) бо дар назар доштани он ки барои даъвогари гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ принсипи мусоидатнамои ҳамаҷониба ба шахсе, ки аз ҷиноят зарар дидааст, амал менамояд ва худи якҷоя бо парвандаи ҷиноятӣ баррасӣ ва ҳал намудани даъвои гражданӣ имтиёзи мурофиавӣ ба шумор меравад, таклиф менамоем, ки даъвогари гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ аз пардохти хароҷоти дигари мурофиавӣ низ бояд озод карда шавад. Аз ин рӯ, таклиф менамоем, ки қ. 2 м. 126 КМҶ ҶТ ба мазмуни зерин бознигарӣ карда шавад: «Даъвогар ҳангоми пешниҳоди даъвои гражданӣ дар парвандаи ҷиноятӣ аз супоридани боҷи давлатӣ ва пардохти хароҷоти мурофиавии пешбининамудаи қ. 1 м. 138 КМҶ ҶТ озод карда мешавад».

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009, №12, мод. 815; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1381.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998, №9, мод. 68, мод. 69, №22, мод. 306; Қонунҳои ҶТ аз 02.01.2018 с., №1472; аз 02.01.2018 с., №1473.

3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1999, №12, мод. 323; соли 2002, № 4, қисми 1, мод. 170; соли 2006, №4, мод. 194; соли 2009, №12, мод. 821; с. 2010, №7, мод. 540; Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 с., №849; ҚҶТ аз 22.07.2013 с. №977.

4. Искандаров, З.Х. Правовые основы защиты прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.09 / З.Х. Искандаров. – Ташкент, 2010. – С. 34.

5. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 398; Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 с., №1410; 20.06.2019 с., №1607.

6. Искандаров З.Ҳ. Ещё раз о понятии уголовного процесса / З.Ҳ. Искандаров // Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конфронси илмӣ-назариявӣ). – Душанбе: Нашриёти «Маориф ва фарҳанг», 2013. – С. 20-33.

7. Искандаров З.Ҳ. Оид ба чанд қоидае, ки мурофиаи ҷиноятиро дигар намуд / З.Ҳ. Искандаров // Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конфронси илмӣ-назариявӣ). –Душанбе: Нашриёти «Маориф ва фарҳанг», 2013. – С. 23-25.

8. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти № 1005 тасдиқ гардидаст. [Маҳзани электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http:// http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=564 / (санаи муроҷиат: 11. 01. 2020).

9. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 6, мод. 7; с. 2010, №1, мод. 6; с. 2012, №7, мод. 721; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 388; №12, мод. 821; с. 2015, №11, мод. 953; с. 2016, №5, мод. 360; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1474; аз 02.01.2019 с., № 1559.

10. Фозилов, Н.Н. К вопросу о правовом статусе прокурора по новому ГПК РТ / Н.Н. Фозилов // Государство и право. – Душанбе, 2009. – № 1. – С. 13-15.

11. Николаев, Е.М. К вопросу о предъявлении гражданского иска в уголовном процессе // Вестник Уфимского юридического института МВД России, 2017. – № 1. – С. 37-41.

12. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон // Ведомостҳои Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1961, № 24, мод.126; с. 1962, № 1, мод.7; с.2008, № 3, мод.287, №6, мод.445; с.2009, № 3, мод.79.

13. Головко, Л.В. Гражданский иск в уголовном процессе // Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017. – С. 399-407.

14. Туров, С.Ю. Возмещение причиненного преступлением вреда как уголовно-процессуальная функция: теоретико-методологический анализ: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / С.Ю. Туров. – Челябинск, 2013. – 31 с.

15. Понарин, В.Я. Защита имущественных прав личности в уголовном процессе Российской Федерации: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.09 / В. Я. Понарин. – Воронеж, 1994. – С. 13-15.

16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №2, мод. 51; с. 2005, №12, мод. 630; с. 2006, №12, мод. 541; с. 2008, №6, мод. 460; №12, қ. 2, мод. 1000; с. 2009, №3, мод. 88; с. 2010, №1, мод. 8; мод. 10; №12,қ. 1, мод. 823; с. 2012, №12, қ. 1, мод. 999; с. 2013, №3, мод. 190; с. 2014, № 7, қ. 2, мод. 408;с. 2015, №11, мод. 968, мод. 969, мод. 970; Қонунҳои ҶТ аз 14.05.2016 с., № 1317; аз 04.04.2019 с., № 1603.

17. Самойлова, Ж.В. Процессуальное положение гражданского истца на стадии предварительного расследования в российском уголовном судопроизводстве: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Ж.В. Самойлова. – Томск, 2012. – С. 7.

18. Самитов, М.Р. Производство по рассмотрению и разрешению гражданского иска в российском уголовном процессе : автореф. дис. ... канд. юрид. наук : 12.00.09 / М.Р. Саметов. – Челябинск, 2006. – 28 с.

19. Искандаров З.Ҳ. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе: «Эҷод», 2008. – С. 144-158.

20. Дык, А.Г. Актуальные вопросы гражданского иска в уголовном процессе: автореф. дис. …канд. юрид. наук: 12.00.09 / А.Г. Дык. – М., 2007. – 28 с.

21. Жидков, Э.В. О некоторых аспектах уголовно-процессуального правового статуса потерпевщего, гражданого истца и гражданского ответчика / Актуальные вопросы борьбы с преступностью, 2015, – №. 4. – С. 29-30.

22. Золотая, Е.А. Исковой способ защиты имущественных прав лиц, нарушенных преступлением: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Е. А. Золотая. – Нижний Новгород, 2006. – 23 с.

## References

1. Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. 2009, №12, art. 815; Law of the Republic of Tajikistan dated 24.02.2017, №1381.

2. Criminal Code of the Republic of Tajikistan // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. 1998, №9, art. 68, art. 69, №22, art. 306; Laws of the Republic of Tajikistan from January 2, 2018, №1472; from 02.01.2018, №1473.

3. Civil Code of the Republic of Tajikistan // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. 1999, №12, art. 323; 2002, № 4, part 1, art. 170; 2006, №4, Art. 194; 2009, №12, Art. 821; c. 2010, №7, art. 540; Law of the Republic of Tajikistan dated 03.07.2012, №849; Of the Republic of Tajikistan from 22.07.2013 №977.

4. Iskandarov, Z.Kh. Legal basis for the protection of human rights in the criminal process of the Republic of Tajikistan: author. dis. … Dr. jurid. Sciences: 12.00.09 / Z.H. Iskandarov. - Tashkent, 2010 .-- P. 34.

5. Constitutional Law of the Republic of Tajikistan “On Prosecutor's Offices of the Republic of Tajikistan” // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, p. 2005, №7, art. 398; Constitutional Law of the Republic of Tajikistan from 30.05.2017, №1410; 20.06.2019, №1607.

6. Iskandarov Z.H. Once again about the concept of criminal procedure / Z.H. Iskandarov // Current issues of judicial law, prosecutorial activity and crime prevention in the Republic of Tajikistan (materials of scientific-theoretical conference). - Dushanbe: Education and Culture Publishing House, 2013. - C. 20-33.

7. Iskandarov Z.H On some of the rules that changed the criminal procedure / Z.H. Iskandarov // Current issues of judicial law, prosecutorial activity and crime prevention in the Republic of Tajikistan (materials of scientific-theoretical conference). - Dushanbe: Education and Culture Publishing House, 2013. - C. 23-25.

8. Concept of legal policy of the Republic of Tajikistan for 2018-2028, approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan from February 6, 2018, under № 1005. [Electronic database]. Access schedule: http: // http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=564 / (application date: 11. 01. 2020).

9. Code of Civil Procedure of the Republic of Tajikistan // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, p. 2008, №1, st. 1, art. 6, art. 7; c. 2010, №1, art. 6; c. 2012, №7, art. 721; c. 2014, №7, st. 1, art. 388; №12, art. 821; c. 2015, №11, art. 953; c. 2016, №5, art. 360; Law of the Republic of Tajikistan dated 02.01.2018, №1474; from 02.01.2019, № 1559.

10. Fozilov, N.N. On the issue of the legal status of the prosecutor under the new Code of Civil Procedure of the RT / N.N. Fozilov // State and Law. - Dushanbe, 2009. - No. 1. - P. 13-15.

11. Nikolaev, E.M. On the issue of filing a civil claim in criminal proceedings // Bulletin of the Ufa Law Institute of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2017. - No. 1. - P. 37-41.

12. Code of Criminal Procedure of the Tajik Soviet Socialist Republic // Vedomosti of the Supreme Soviet of the Republic of Tajikistan, p.1961, № 24, art.126; c. 1962, № 1, art.7; p.2008, № 3, art.287, №6, art.445; p.2009, № 3, art.79.

13. Golovko, L.V. Civil suit in criminal procedure // Course of criminal procedure / Ed. Doctor of Law, prof. L.V. Golovko. - 2nd ed., Rev. - M .: Statut, 2017 . - S. 399-407.

14. Turov, S.Yu. Compensation of harm caused by a crime as a criminal procedural function: theoretical and methodological analysis: author. dis. ... Cand. jurid. Sciences: 12.00.09 / S.Yu. Turov. - Chelyabinsk, 2013 . - 31 p.

15. Ponarin, V. Ya. Protection of the property rights of an individual in the criminal process of the Russian Federation: author. dis. … Dr. jurid. Sciences: 12.00.09 / V. Ya. Ponarin. - Voronezh, 1994 . - S. 13-15.

16. Law of the Republic of Tajikistan "On state duty" // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, p. 2004, №2, art. 51; c. 2005, №12, art. 630; c. 2006, №12, art. 541; c. 2008, №6, art. 460; №12, st. 2, art. 1000; c. 2009, №3, art. 88; c. 2010, №1, art. 8; art. 10; №12, st. 1, art. 823; c. 2012, №12, st. 1, art. 999; c. 2013, №3, art. 190; c. 2014, № 7, c. 2, art. 408; s. 2015, №11, art. 968, art. 969, art. 970; Laws of the Republic of Tajikistan dated 14.05.2016, № 1317; dated 04.04.2019, № 1603.

17. Samoilova, Zh.V. Procedural position of a civil plaintiff at the stage of preliminary investigation in Russian criminal proceedings: author. dis. ... Cand. jurid. Sciences: 12.00.09 / Zh.V. Samoilov. - Tomsk, 2012 . - P. 7.

18. Samitov, M.R. Proceedings for the consideration and resolution of a civil claim in the Russian criminal process: author. dis. ... Cand. jurid. Sciences: 12.00.09 / M.R. Sametov. - Chelyabinsk, 2006 . - 28 p.

19. Iskandarov Z.Ҳ. Constitutional and legal framework for the protection of human and civil rights in the criminal process of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe: "Egod", 2008. - S. 144-158.

20. Duc, A.G. Topical issues of a civil suit in criminal proceedings: author. dis. ... Cand. jurid. Sciences: 12.00.09 / A.G. Duc. - M., 2007 . - 28 p.

21. Zhidkov, E.V. On some aspects of the criminal procedural legal status of the victim, civil plaintiff and civil defendant / Topical issues of combating crime, 2015, - no. 4. - S. 29-30.

22. Zolotaya, E.A. A claim method of protecting the property rights of persons violated by a crime: author. dis. ... Cand. jurid. Sciences: 12.00.09 / E. A. Zolotaya. - Nizhny Novgorod, 2006 . - 23 p.

**УДК 340.122**

# АЛОҚАМАНДИИ АХЛОҚ ВА МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚ: ТАҲЛИЛИ МУХТАСАР

# ВЗАИМОСВЯЗЬ МОРАЛИ И НОРМ ПРАВА: КРАТКИЙ АНАЛИЗ

# THE RELATIONSHIP BETWEEN MORALITY AND THE RULE OF LAW: A BRIEF ANALYSIS

МАНСУРЗОДА А.М.
MANSURZODA A.M.
*Сардори шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2-юми Академияи ВКД ҶумҳурииТоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия*
*Начальник организационно-научного и редакционно-издательского отдела Академии МВД Республики Таджикистан, доцент кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, подполковник милиции*
*Head of the organizational-scientific and editorial-publishing department of the Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan, associate professor of the department of state legal disciplines of the faculty No. 2 of the Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan, candidate of law, associateprofessor, lieutenant colonel of militia*



e-mail: tam300986@mail.ru

КОДИРЗОДА Ғ.Н.
KODIRZODA G.N.
*Омӯзгори калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳукуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия*
*Старший преподаватель кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милиции*
*Senior Lecturer of the Department of State and Legal Disciplines of Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, captain of militia*



e-mail: golibjon2020@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ.
*Научная специальность:* 12.00.01 – теория и история права и государства; история правовых и политических учений.
*Scientific specialty:* 12.00.01 –theory and history of law and State; history.

*Тақриздиҳанда:* ХАЙРУЛЛОЕВ Ф.С. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
Рецензент: ХАЙРУЛЛОЕВ Ф.С. – кандидат юридических наук.
Reviewer: KHAIRULLOEV F.S. - candidate of legal sciences.

*Аннотатсия:* Дар мақолаи мазкур муаллифон масъалаи ахлоқ ва муҳиммияти онро

мавриди баррасӣ қарор додаанд. Инчунин ақидаҳои мутафаккирони илму адаби форсу тоҷик мавриди тадқиқот қарор дода шудааст. Дар мақола заминаи ахлоқӣ доштани меъёри ҳуқуқ зикр карда мешавад. Дар хулоса бошад, бевосита, робитаи ахлоқ ва ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таври мушаххас ҷамъбаст карда шудааст.

*Вожаҳои калидӣ:* ахлоқ, арзишҳои ахлоқӣ, меъёрҳои ҳуқуқ, қонун, ахлоқ ва қонун, муносибатҳои ҷамъиятӣ.

*Аннотация:* В статье авторами рассмотриваются вопросы морали и её особенности. Подвергнуты изучению взгляды таджико-персидских ученых и мыслителей. В статье подчеркивается взаимосвязь морали и норм права. В заключении обосновывается связь между моралью и правом и их роли в регулировании общественных отношений.

*Ключевые слова:* мораль, моральные ценности, нормы права, закон, мораль и закон, общественные отношения.

*Annotation*: In the article, the authors consider the issues of morality and its features. The views of the Tajik-Persian learned thinkers were studied. The article emphasizes the relationship between morality and the rule of law. In the conclusion, the connection between morality and law and their role in the regulation of social relations is substantiated.

*Keywords*: morality, moral values, norms of law, law, morality and law, social relations.

Дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрам дар самти ташаккули низоми қонунгузорӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд ин мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқии сатҳи баланд мебошад, ки дар заминаи меъёрҳои ахлоқ қабул гардидааст. Зеро дар сурати эътироф нагардидани меъёрҳои ахлоқ ва ҷой наёфтани онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нуфузи чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҷомеа паст гардида, самаранокии онҳо аз байн меравад. Аз ин лиҳоз, масъалаи мазкур тақозо менамояд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, бояд ба талаботи ахлоқ ҷавобгӯ бошанд, зеро инсон дар ҳар давру замон ба ахлоқ арҷ гузоштааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мубраммияти ахлоқ таваҷҷуҳ намуда, борҳо дар баромад ва асарҳои илмии худ оид ба нақши ахлоқ ибрози ақида намудааст*.

Вобаста ба муҳиммияти ахлоқ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари илмии худ "Имоми Аъзам ва ахлоқи умумиинсонӣ" иброз менамояд, ки «ҳар қадар дараҷаи ахлоқӣ ҷомеа баланд бошад, ба ҳамон андоза талаботи қонун дар он хубтар ҷорист. Инчунин, сатҳи болоравии ахлоқӣ ҷомеа ба устуворӣ ва мустаҳкамии давлат алоқаманд аст» [15].

Аз ин бармеояд, ки меъёрҳои ахлоқ на танҳо дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, балки, дар танзими муносибатҳои сиёсӣ низ мавқеияти хоссаро доро мебошад. Чунин арзиши баланди меъёрҳои ахлоқӣ, мутафаккиронро водор намудааст, ки ақидаҳои худро оид ба муҳиммияти ахлоқ иброз намоянд. Аз ҷумла, мутафаккир Конфутсий (солҳои 551-479 пеш аз мелод) дар таълимоти худ унсурҳои асосии ахлоқро бештар истифода бурдааст. Ҳурмату эҳтиром, некӯкорӣ, сифату хислатҳои ҳамидаи инсон дар ҷомеа ва

* Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи бинои мактаби нав дар шаҳри Ҳисор 30.08.2010 // Захираи электронӣ: www.president.tj (санаи муроҷиат: 22.08.2020 с.). Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 20.04.2011// Захираи электронӣ: www.president.tj (санаи муроҷиат: 22.08.2020 с.). Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами №91 шаҳри Душанбе 22.07.2016 // Захираи электронӣ: www.president.tj (санаи муроҷиат: 26.08.2020 с.). Паёми табрикотӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ 05.10.2018 // Захираи электронӣ: www.president.tj (санаи муроҷиат: 26.08.2020 с.). V. Эмомалӣ Раҳмон, Имоми Аъзам ва ахлоқи умумиинсонӣ // Захираи электронӣ: www.jumhuriyat.tj (санаи муроҷиат: 26.08.2020 с.).

сиёсат дар афкори ӯ саҳми бузург доранд [3, с. 43]. Конфутсий иброз менамояд, ки шаҳрванди накӯкор ба ҳокими худ содиқ аст ва эҳтиром нисбати ӯ дорад. Инчунин, мутафаккир иброз менамояд, ки «ба ҷои ҷанг кардан таҳсил ва ахлоқу одобро ҷорӣ кардан лозим аст, зеро бо воситаи одобу ахлоқ дар байни мардум ва давлатҳо пойдор гардидани сулҳ мумкин мебошад» [6, с. 14]. Чи хеле ки профессор А. Самиев иброз менамояд, ҳанӯз Афлотун ҳамватанони худро зери тозиёнаи танқид гирифта, гуфта буд, ки афинагиҳо ба ҷойи он ки ахлоқу одоб ва олами ботинии худро такмил диҳанд, онҳо ба роҳи манфиатҷӯӣ ва бузургманишинӣ рафта истодаанд. Чунин амал метавонад боиси пайдошавии зуҳуроти номатлуб ва фоҷиабори сиёсию маънавӣ барои эллиниҳо гардад [7].

Дар ҳақиқат меъёрҳои ахлоқ дар ҳар давру замон арзиши баланди худро дошта ба муқобили ҷоҳилӣ, разолат, бадӣ, фитна ва ғайра баромад намуда, инсонҳоро дар роҳи ростӣ, адолат, хирадмандӣ, инсондӯстӣ, накӯкорӣ ва ғайра ҳидоят кардааст. Аз ин рӯ, метавон иброз намуд, ки ҳудуди амали меъёрҳои ахлоқ фарох буда, он метавонад танзимкунандаи муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, аз ҷумла, муносибатҳои сиёсӣ бошад.

Асосан дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ меъёрҳои гуногун ба монанди меъёрҳои ахлоқ, одатҳо, меъёрҳои динӣ ва ҳуқуқӣ истифода мегарданд. Вале дар низоми меъёрҳои иҷтимоӣ, меъёри ахлоқ мавқеи хосса дошта, он заминаи ташаккулёбии дигар меъёрҳои иҷтимоӣ аз ҷумла меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин менамояд. Пеш аз ҳама, ахлоқ қисмате аз амалҳои некиро фаро гирифта, хушбахтии инсон ва саодати ҳақиқии зиндагии одамонро фароҳам меорад. Бадӣ бошад, ҳамчун ҷузъи дигари ахлоқ, тасаввуротро оид ба разолат ва ҷаҳолат ифода менамояд. Бадӣ дар он ҷое ба вуҷуд меояд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ носолим ва зиддиинсонӣ буда, қадру қиммати шахс поймол мегардад.

Оид ба аҳамият ва муҳиммияти меъёрҳои ахлоқ мутафаккирон ва бузургони илму адаби форсу тоҷик, аз қабили Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Муҳаммад Закариёи Розӣ, Унсурулмаолии Кайковус ва дигарон* таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар пешрафти ахлоқ саҳми беандозаи худро гузоштаанд. Дар эҷодиёти мутафаккирони Шарқ ахлоқ дар иртибот бо ҳуқуқ мақому манзалати хоссаеро касб намуда, ахлоқи ҳамидаи шоҳон, вазирон, дигар мансабдоронро - асоси бунёди ҷамеаи адолатпарвар ва таъмини қонуният шуморидаанд. Аз ҷумла, Унсурулмаолии Кайковус дар асарҳои пандуахлоқии худ «Насиҳатнома» ва «Қобуснома» ба тарбияи ашрофон ва зиндагии онҳо таваҷҷуҳ намуда, фаъолияти шоҳонро ба унсурҳои асосии ахлоқӣ мепайвандад ва қайд менамояд, ки шоҳон бояд дорои ахлоқӣ ҳамида бошанд. Аз ҷумла, дар «Қобуснома» зикр мегардад, ки агар подшоҳ бошӣ, порсо бош ва чашму даст аз ҳарами мардумон дур дор...ростгӯй бош...ва бедодписанд мабош ва ҳама корҳову суханҳоро бо чашми дод бину ва гӯши дод шунав, то дар ҳама коре ҳаққу ботил битавонӣ дидан [11, с. 156-157].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ дар асари худ «Ахлоқи Муҳсинӣ» чунин қайд менамояд, ки ахлоқ муҳофизаткунандаи нафс аст аз қавли нописандида ва феъли носутуда худро ва мардумро дар पояи ҳурмат нигоҳ доштан, обрӯи худ ва дигаронро нарехтан ва роҳи ростро ихтиёр доштан аст [5, с. 133].

Ахлоқ амали озодонаи инсон буда, хислатҳои фитрии шахсро инъикос менамояд. Муҳммади Ғаззолӣ иброз менамояд, ки кори дунё омехта аст ва дар вай ҳам шар ва ҳам хайр ҷой дорад, хайр - хуш, некӯ ва судманд, шарр бошад, нохуш, зишт ва зиёнкор аст [12, с.53]. Дар

* Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ, - Душанбе «Адиб», 2013. Абдураҳмони Ҷомӣ. “Баҳористон”, - Душанбе. «Маориф ва фарҳанг», 2008. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ, - Душанбе. «Адиб», 1991. Абубакри Розӣ. Расоил-ул-фалсафия. Қоҳира. 1939. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. Душанбе. “Маориф”, 1979.

натиҷаи омӯзиши асарҳои Муҳаммад Ғаззолӣ ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ кас ба хулоса меояд, ки ҳанӯз то пайдоиши меъёрҳои ҳуқуқ муносибати инсонҳоро меъёрҳои ахлоқ бо унсурҳои асосии худ яъне некиву бадӣ танзим намудааст. Зеро мутафаккирони мазкур дар асарҳои худ ки саршор аз масъалаҳои ахлоқӣ мебошанд, тамоми хислатҳои хуби инсонӣ (некӣ, ростгӯӣ, инсондӯстӣ, адолат ва ғайра)-ро мавриди баррасӣ қарор дода, ба истифодаи умум пешниҳод намудаанд.

Абӯалӣ ибни Сино низ дар таълимоти худ қайд менамояд, ки зиндагиии инсон вақте нек мешавад, ки шарро барҳам зада, тантанаи хайрро таъмин намояд ва ӯ ин кӯшишро аз мақсадҳои асосии ахлоқии одамон ҳисобидааст. Ба фикри ӯ, агар инсон гуноҳ кунад, ӯро филфавр (фавран) муҳокима кардан шарт нест. Барои ин, сабаби содир шудани гуноҳро донистан зарур аст. Ба андешаи ибни Сино, ба воситаи таълиму тарбияи ахлоқӣ одамон беҳтар мешаванд [10, с.90-95].

Аз ин бар меояд, ки Абӯалӣ ибни Сино дар таълимоти худ ҳурмату эҳтироми инсон ва арҷ гузоштан ба меъёрҳои ахлоқро вазифаи муқаддаси ҳар як шахс донистааст. Ӯ нисбати бенавоён раҳм карда, ба муқобили зулм ва ноадолатиҳои замон, беқадрии инсон, мансабдорони бераҳм ва ғайра танқиди шарҳиҳолӣ додааст ва тавассути меъёрҳои ахлоқӣ онҳоро ба роҳи дуруст ҳидоят кардааст.

Меъёри ахлоқ ин қонуну қоидаҳои шахшуда набуда, дар натиҷаи робитаи доимӣ, таърихан ташаккулёфта, ҳамеша дар инкишофу тағйирёбӣ қарор дорад. Вобаста ба масъалаи мазкур метавон иброз намуд, ки муҳиммияти меъёрҳои ахлоқро мутафаккирони замони муосир низ зери коркарди илмӣ қарор додаанд.

Аз ҷумла, мутафаккирон-ҳуқуқшиносон Б.И. Чичерин, Б.А. Кистяковский ва дигарон ҳуқуқро бо ахлоқ, ақидаҳои озодӣ, баробарӣ, адолат алоқаманд мекунанд. Дар ҷомеа, қонунгузорӣ набояд аз меъёрҳои ахлоқӣ берун равад…барои он ки қонун ва ахлоқ ҳадди ақал дар ҳамоҳангӣ қарор дошта бошанд [4, с.16]. Равиши мазкурро дигар мутафаккирон ҷонибдорӣ намуда, чунин иброз менамоянд, ки ғайр аз муошират ва мутобиқати амиқи бунёдии ахлоқ, қонун ташаккул намеёбад ва қабул карда намешавад. Аз ин бармеояд, ки ба инобат гирифтани арзишҳои дигари иҷтимоӣ (ахлоқӣ, динӣ ва ғ.) метавонад дар раванди қабул, амалинамоӣ ва татбиқи қонун дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бисёр ба маврид ва натиҷабахш бошад.

Ахлоқ як қатор фазилатҳои худро дорад, ки наметавон бо ибораҳои хуб ва бад маҳдуд гардад. Арзишҳои ахлоқӣ: виҷдон, адолат, беадолатӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ низ васеъ истифода гардадидаанд. Масалан, дар моддаи 1 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мустаҳкам гардидааст, ки тамоми одамон соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд [14, с. 23]. Аз ин бармеояд, ки дар замони муосир муҳиммияти меъёрҳои ахлоқ дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардидааст. Вобаста ба ин масъала профессор Р.Ш. Сотиволдиев бамаврид иброз менамояд, ки ахлоқ муносибати байни миллатҳо, халқҳо, ақалиятҳои миллиро танзим намуда, асосҳо ё принсипҳои фарҳанги робитаи байниин-сониро муайян мекунад [9, с.379]. Инчунин дар замони муосир маҳз фарҳанги ҳуқуқи инсон тавассути арзишҳои ахлоқӣ дар ҳар як фард ҳиссиёти эҳтиром ба инсонро парварида, он дар рафти омӯзиш ва таҳсил, тарбияи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ташаккул мёбад ва ҳамин тавр дар шуур ва рафтори инсон ҷойгир карда мешавад [8, 14-15].

Албатта, бояд иброз намуд, ки нақши ахлоқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ назаррас буда, маҳз инъикоси он дар меъёрҳои ҳуқуқ нуфузи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро баланд бардошта, ба амалигардии онҳо мусоидат менамояд. Ҳангоми ҷавобгӯ набудани меъёри ҳуқуқ ба меъёрҳои ахлоқ он аз ҷониби ҷомеа қабул нахоҳад гардид. Дар ин сурат нуфӯзи қонун дар ҷомеа паст мегардад.

Бевосита объекти як қатор меъёрҳои моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ, Кодекси граждании ҶТ-ро

бевосита ахлоқ ташкил медиҳад. Масалан, айни замон ахлоқ ба сифати объекти моддаҳои 137, 237, 237 (1), 351- и Кодексии ҷиноятии ҶТ (м. 137, таҳқири омавии Президенти ҶТ ё туҳмат кардан ба ӯ, м.237 авбошӣ, м. 237 (1) вандализм, м. 351 гувоҳии бардурӯғ) баромад менамояд [1].

Гузашта аз ин, дигар санадҳои зерқонуние ҷой доранд, ки ба меъёрҳои ахлоқ ишора менамоянд. Масалан, мутобиқи Фармони Вазорати корҳои дохилии ҶТ «Дар бораи хушмуомилагӣ ва муносибати бодиққати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни ҳарбии қӯшунҳои дохилӣ бо шаҳрвандон», «Ҳар як корманд намояндаи ҳокимият мебошад ва вазифадор аст, ки дар ҳар лаҳза ба шахси дар мусибат афтода дасти ёрӣ дароз кунад, дағалӣ, беодобӣ, беэътиноӣ ба талаботи қонун, ахлоқи ҷамъиятӣ, ки аз ҷониби ӯ зоҳир меёбанд, шаъни ин ҳокимиятро доғдор месозанд» [13]. Меъёри санади зерқонунии мазкур ҷанбаи баланди ахлоқӣ дошта, кормандони мақомоти корҳои дохилиро вазифадор кардааст, ки, пеш аз ҳама, ба дағалӣ, беодобӣ, беэътиноӣ ба талаботи қонун ва ахлоқи ҷамъиятӣ роҳ надиҳанд. Мутобиқи қисми 3-юми банди 9 Кодекси одоби касбии кормандони милитсия бошад, корманди милитсия вазифадор аст, ки «дар мансаби роҳбарикунанда фаъолият намудаистода, барои кормандони зертобеъ... фазои солими ахлоқиро таъмин намояд» [2].

Дар асосӣ таҳлилҳои боло метавон иброз намуд, ки ахлоқ ва ҳуқуқ дар алоқамандии зич қарор дошта, дар якҷоягӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд. Паст гардидани сатҳи ахлоқи ҷомеа, риоя нагардидани принсипи қонуният давлату миллатро ба буҳрон меорад.

Бо дарназардошти ақидаҳои гуногуни фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ ҳаминро зикр намудан ба маврид аст, ки заминаи ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ ин мавҷудияти тасаввуроти баланди ахлоқӣ мебошад.

Метавон иброз намуд, ки дар ҳар давру замон ахлоқ дар ҷомеа мавқеи худро доштааст. Махсусан дар гузаштаи таърихӣ меъёрҳои ахлоқ бевосита муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамуданд. Вале бо муракаб гадидани муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷумла ба вуҷуд омадани моликияти хусусӣ, мураккабшавии идоракунии ҷамъиятӣ, рушди технология танзими чунин муносибатҳо аз ҷониби танҳо меъёрҳои ахлоқ нокифоя буданд. Дар ин замина барои танзими самарабахши муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд омад. Новобаста аз он ки меъёрҳои ҳуқуқ қабул гардиданд, заминаи асосии онҳоро унсурҳои ахлоқӣ ташкил медиҳанд.

Дар умум ахлоқ ва ҳуқуқ ҳамчун меъёрҳои иҷтимоӣ ҳамаи амалҳои ғайриинсониро маҳкум менамоянд. Мақсади асосии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ин баланд бардоштани маърифатнокӣ, бавоя расонидани шахси дорои хислатҳои хуби инсонӣ ва бунёди ҷомеаи солим ба ҳисоб меравад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, таҳти № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 1998, №9, мод.137, мод. 237 (1), мод. 351.
2. Кодекси одоби касбии кормандони милитсия аз 17-уми феврали соли 2007 таҳти №19 бо замима. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://vkd.tj/index.php/tj/sanad-o/farmon-o/11518 (санаи муроҷиат: 23.09.2020).
3. Кондрашов, А.П. Великие мысли великих людей. - М.: “Рипол классик”, 2007. – 496 с.
4. Евстафеева, Е.А. Правосознание сотрудников уголовно-исполнительной системы с различными личностными характеристиками: дис. ... кан. псих. наук: [19.00.13] / Евстафеева Евгения Александровна. – Челябинск, 2015. - 217 с.
5. Ҳусайн, В.К. Ахлоқи Мӯҳсинӣ. – Душанбе: «Адиб», 1991. - 320 с.
6. Сайфуллоев, Н.М., Раҷабов, Р.М. Таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат / Н.М. Сайфуллоев, Р.М. Раҷабов. - Душанбе, 2006. - 126 с.

7. Самиев, А. Ахлоқ омили муҳими камолоти инсон, бақои давлат ва суботи ҷомеа // Миллат. 20.08.2009: [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: http://www.millat.tj/articles/farhangvaadab/1461-naqshi-akhloq-dar-suboti-jomea-1461.html (санаи муроҷиат: 05.08.2020 с.).
8. Саъдизода, Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон : дис. … н.и.ҳ. : 12.00.01 / Саъдизода Ҷаҳонгир. – Д., 2017. - 241 с.
9. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: Китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: «Сино», 2018. - 784 с.
10. Султонов, У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино: Дастури таълимӣ / У.Султонов. – Душанбе: «Дониш», 1975. - 166 с.
11. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. – Душанбе: «Маориф», 1979. - 191 с.
12. Файзуллоева, М.Ш. Ақидаҳои ахлоқи дар фалсафаи Абуҳомид Муҳаммади Ғазолӣ: Дастури таълимӣ / М.Ш. Файзуллоева. – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2018. - 72 с.
13. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хушмуомилагӣ ва муносибати бодиққати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни ҳарбии қушунҳои дохилӣ бо шаҳрвандон» аз 1-уми январи соли 2006 таҳти № 1: [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: https://vkd.tj/index.php/tj/sanad-o/farmon-o/11518 (санаи муроҷиат: 23.09.2020).
14. Шарипова, Г., Раҷабов, Ҷ. Асноди асосии байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқи башар / Г. Шарипова, Ҷ. Раҷабов. - Душанбе, 1999. - 80 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва ахлоқи умумиинсонӣ: Захираи электронӣ / Манбаи дастрасӣ: www.jumhuriyat.tj (санаи муроҷиат: 27.02.2020 с.).

## References

1. Criminal Code of the Republic of Tajikistan from May 21, 1998, under No. 574 // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, from 1998, No. 9, Art. 137, Art. 237 (1), mod. 351.
2. Code of professional ethics of police officers of February 17, 2007 under №19 with appendix. [Electronic resource]. - Access source: https://vkd.tj/index.php/tj/sanad-o/farmon-o/11518 (application date: 23.09.2020).
3. Kondrashov, A.P. Great thoughts of great people. - M.: “Ripol classic”, 2007. - 496 p.
4. Evstafeeva, E.A. Legal awareness of employees of the penal system with different personal characteristics: dis. ... psychological Sciences: [19.00.13] / Evstafeeva Evgeniya Aleksandrovna. - Chelyabinsk, 2015 . - 217 p.
5. Hussein, V.K. Muhsin's ethics. - Dushanbe: «Adib», 1991. - 320 p.
6. Saifulloev, NM, Raljabov, RM History of Law and State Doctrine / N.M. Сайфуллоев, P.M. Raljabov. - Dushanbe, 2006. - 126 p.
7. Samiev, A. Morality is an important factor in human development, the survival of the state and the stability of society // Nation. 20.08.2009: [Electronic resource] / Accessibility source: http://www.millat.tj/articles/farhangvaadab/1461-naqshi-akhloq-dar-suboti-jomea-1461.html (application date: 05.08.2020 p. ).
8. Sadizoda, J. Formation of a culture of human rights in the context of building a state governed by the rule of law in Tajikistan: diss. … diss. of the cand. of legal sciences: 12.00.01 / Sadizoda Jahongir. - D., 2017. - 241 p.
9. Sotivoldiev, R.Sh. The theory of state and law: Textbook / R.Sh. Sotivoldiev. - Dushanbe: Sino, 2018. - 784 p.
10. Sultonov, U. Philosophical, social and moral ideas of Abu Ali ibn Sino: Textbook / U.Sultonov. - Dushanbe: "Knowledge", 1975. - 166 p.
11. Unsurulmaoli Kaikovus. Nightmare. - Dushanbe: "Education", 1979. - 191 p.
12. Faizulloeva, M.Sh. Ethical Thoughts in the Philosophy of Abu Hamid Muhammad Ghazali: A Textbook / M.Sh. Faizulloeva. - Khujand: «Nuri Marifat», 2018. - 72 p.
13. Order of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan "On courtesy and careful treatment of citizens by law enforcement officers and servicemen" from January 1, 2006 under № 1: [Electronic resource] / Source: https://vkd.tj/ index.php / tj / sanad-o / farmon-o / 11518 (application date: 23.09.2020).
14. Sharipova, G., Raljabov, L. Basic international human rights instruments / G. Sharipova, L. Raljabov. - Dushanbe, 1999. - 80 p.
15. Emomali Rahmon. The Great Imam and Universal Morality: Electronic Resource / Access Source: www.jumhuriyat.tj (application date: 27.02.2020).

**УДК 343.982.342**

# ВЫЯВЛЕНИЕ СПОСОБОВ ФАЛЬСИФИКАЦИИ (ПОДДЕЛКИ) СЛЕДОВ ПАЛЬЦЕВ РУК В РАМКАХ ОСМОТРА МЕСТА ПРОИСШЕСТВИЯ

# МУАЙЯН НАМУДАНИ ТАРЗҲОИ ТАҚАЛЛУБИ (СОХТАКОРИИ) ИЗИ ДАСТ ДАР ДОИРАИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОЙИ ҲОДИСА

# IDENTIFICATION OF WAYS OF FALSIFICATION (FORGERY) OF FINGERPRINTS DURING THE INSPECTION OF THE SCENE



НАЗАРШОЕВ Ф.Ю.
NAZARSHOEV F.YU.
*Старший преподаватель кафедры уголовного процесса факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, майор милиции*
*Омӯзгори калони кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия*
*Senior lecturer, department of criminal procedure, faculty No. 2, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, candidate of law, major of the militia*
e-mail: nazarshoevfu@mail.ru

*Научная специальность:* 12.00.12 - криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность.
*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.12 - криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.
*Scientific specialty:* 12.00.12 - criminalistics; forensic activities; operational investigative activities.

*Рецензент:* РАХМАТДЖОНЗОДА Р.Р. – начальник факультета № 1 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, подполковник милиции.
*Тақриздиҳанда:* РАҲМАТҶОНЗОДА Р.Р. – сардори факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия.
*Reviewer:* RAHMATJONZODA R.R. - Head of Faculty No. 1 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, associate professor, lieutenant colonel of the militia.

*Аннотация*: В статье рассматривается проблема появления в практике способов фальсификации (подделки) следов пальцев рук и даются рекомендации по выявлению таких способов на этапе осмотра места происшествия. Предпринята попытка обозначить имеющуюся проблему и восполнить пробелы в данной области.
Хусусан, муаллиф дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми унверсалии экстремизмро пешниҳод карда, ба он фаъолияти пинҳонӣ ё ошкорои шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва иттиҳоди ҷиноятиро бо мақсади барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ ва маҳалгароӣ, паст задани обрӯ ва эътибори шахс ва ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар асоси ангезаҳои номбурда ва ё ба амал овардани даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ марбут донистааст.

Дар ин ҷо муаллиф истилоҳи фаъолияти пинҳониро бори аввал дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта манзур сохта, ба таври моҳирона онро бо далелҳои муътамад асоснок карда, мафҳуми зикршударо ҷиҳати ворид

гардиданаш ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» пешниҳод намудааст.

Муҳаққиқ дар навгонии 2-юм устуворона иброз медорад, ки кирдорҳои хусусияти экстремистидошта аз рӯйи дараҷаи хавфнокиашон дорои табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ-маъмурӣ буда, онҳо бо ангезаҳои миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ ва маҳалгароӣ содир карда мешаванд, ки ду шакли зуҳурёбӣ доранд: 1) «ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки аломатҳои таркиби онҳо бо идеология ва амалҳои зӯроварӣ алоқаманд мебошанд» ва 2) «кирдорҳои хусусияти экстремистидошта, ки дар таркиби онҳо аломатҳои тоқатнопазирӣ нисбати рақибон таҷассум ёфта, идеология ва амалҳои зӯровариро нисбати гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ талқин наменамоянд». Ба назари мо, ин андеша дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар чунин шакл бори нахуст пешкаш шуда, он дар таҳқиқот бо пайдарҳамии хосса чи аз лиҳози назариявӣ ва чи аз лиҳози амалӣ асоснок карда шудааст.

Аз сабаби он ки муҳаққиқ дар навгонии пешин яке аз шаклҳои зуҳурёбии экстремизмро, ки дар таркиби онҳо аломатҳои тоқатнопазирӣ нисбати рақибон таҷассум ёфта, идеология ва амалҳои зӯровариро нисбати гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ талқин наменамоянд, ба кирдорҳои хусусияти экстремистидоштаи ҳуқуқӣ-маъмурӣ мутааллиқ медонад, навгонии минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар як вақт ба ин масъала бахшида мешавад ва изҳор мегардад, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам сохтани кирдорҳои зиддиҳуқуқие, ки аз рӯйи ангезаҳои миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ ва маҳалгароӣ содир мешаванд, аммо хавфнокии ҷамъиятиашон зиёд нест, бо мақсади пешгирӣ намудани экстремизм дар зинаҳои аввали пайдоишаш амри зарурист.

Навгонии 4-уми таҳқиқот, ки ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии унверсалии байналмилалӣ бахшида шудааст, ҷолиби диққат аст, зеро муаллиф ба мазмуну моҳияти онҳо дар таҳқиқот назар андохта, ба хулосае омадааст, ки дар ин гуна санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ мафҳуми умумиэътирофшудаи «экстремизм» мавҷуд набуда, мазмуни он дар меҳвари истилоҳоти «табъиз», «бегонаҳаросӣ», «миллатгароӣ», «нажодпарастӣ», «антисемитизм» ва «таҳаммулнопазирӣ» эҳсос карда мешавад.

Бинобар ин, муҳаққиқ бо мақсади дарёфти мафҳум ва аломатҳои экстремизм ба санадҳои байналмилалии хусусияти минтақавидошта рӯ оварда, онҳоро таҳлил месозад ва дар навгонии минбаъда қайд месозад, ки дар Конвенсияи Шанхай «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм» мафҳуми «экстремизм» танҳо яке аз шаклҳои экстремизми дорои аломатҳои зӯроварона таҷассум гардида, дигар паҳлуҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизм ва табиати ҳуқуқӣ-маъмурии он ифода наёфтааст. Дар Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай «Оид ба муқовимат ба экстремизм (ифротгароӣ)» ин ноқисӣ қисман бартараф карда шуда, мафҳуми «экстремизм» дар маҷмӯъ шаклҳои зӯроварона ва ғайризӯроваронаи экстремизмро фарогир шудааст. Мафҳуми аз ҳад васеи «фаъолияти экстремистӣ», ки дар Қонуни моделии мамлакатҳои ширкаткунандаи ИДМ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» мустақар гардидааст, бо мафҳуми «фаъолияти террористӣ» омехта карда шуда, боиси ихтилофот дар қонунгузориҳои зиддиэкстремистии мамлакатҳои ширкаткунандаи ИДМ шудааст. Аз ин лиҳоз, ишора мегардад, ки коркард ва қабул намудани мафҳуми комплексии «экстремизм» ва муайян намудани стратегияи умумиэътирофшудаи муқовимат ба кирдорҳои хусусияти экстремистидошта тақозои замон аст.

Дар баробари навгониҳои дар назария пешниҳодгардида, ҷиҳати боз ҳам мукаммал сохтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» муаллиф як қатор таклифу пешниҳодҳои судмандро манзур намудааст, ки пуштибонӣ аз онҳо ба манфиати кор мебошад.

Дар ин қисмат ӯ мафҳумҳои «экстремизм», «ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта», «ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта», «фаъолияти экстремистӣ», «иттиҳоди экстремистӣ» ва ғайраро манзур сохтааст, ки чунин навгониҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ бори аввал ба таври маҷмӯӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Муҳаққиқ дар зери мафҳуми ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта кирдорҳои хавфноки ҷамъиятиеро эътироф менамояд, ки онҳо дар асоси ангезаҳои миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳалгароӣ бо мақсади вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ ва сулҳу амнияти байналмилалӣ равона буда, дар содир намудани як ва ё якчанд ҷиноятҳои дар моддаҳои 143, 157, 158, 160, 188, 189, 237, $237^{1}$, 242, 243, 307, $307^{1}$ , $307^{2}$ , $307^{3}$ , $307^{4}$ **КҶ ҶТ** пешбинишуда зуҳур меёбанд.

Дар баробари ин, муаллиф мафҳуми ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти экстремистидоштаро манзур карда, ба он кирдорҳои зиддиҳуқуқие, ки дар асоси ангезаҳои миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳалгароӣ бо мақсади вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, паст задани обрӯ ва эътибори шахсият аз рӯйи ангезаҳои номбурда равонаанд мансуб медонад ва бар ин васила кӯшиш менамояд, ки як мушаххасоти муайянро дар байни кирдорҳои ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии хусусияти экстремистидошта бо мақсади тафриқагузории онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ пешкаш созад.

Ҳамзамон, дар навгониҳои минбаъда мафҳумҳои «иттиҳоди экстремистӣ» ва «фаъолияти экстремистӣ» пешкаш шудааст, ки онҳо низ бори нахуст дар сатҳи қонунгузорӣ манзур мешаванд ва қобили пазироиянд. Зеро тӯли чандин сол аст, ки чи дар байни кормандони амалӣ ва чи дар байни олимону муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳсу мунозираҳои доманадор дар хусуси тафриқабандии ин ду мафҳум ба мушоҳида мерасад, вале то ҳанӯз як андешаи қобили пазироии ҳамагон манзур карда нашудааст.

Ба назари муҳаққиқ иттиҳоди экстремистӣ яке аз намудҳои иттиҳоди ҷиноятие мебошад, ки он танҳо бо мақсади барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳалгароӣ ва ё ба амал овардани даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ва вайрон намудани муносибатҳои байналмилалӣ ташкил шуда, фаъолияти он аз созмон додани як ва ё якчанд ҷузъ ё томҳои муташаккили ҷиноятӣ иборат аст, ки он бахри содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаи категорияҳои гуногун равона мебошад.

Диссертант навгонии минбаъдаро ба мафҳуми фаъолияти экстремистӣ бахшида ба он фаъолияти зиддиҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва ё иттиҳоди экстремистиро мутааллиқ медонад, ки он бо мақсади барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ ва маҳалгароӣ ва ё ба амал овардани даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ва вайрон намудани муносибатҳои байналмилалӣ ташкил карда шуда, барои содир кардани ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти экстремистидошта равона мебошад. Он маблағгузорӣ, сафедкунии оммавии экстремизм, ҷалбкунии шаҳрвандон ба иттиҳоди экстремистӣ, моилсозии онҳо барои иштирок намудан дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар ва муҳайё сохтани дигар шароитҳоро барои содир кардани ҷиноятҳо ва дигар кирдорҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта дар бар мегирад.

Ҳамзамон, муаллиф мафҳуми навини «фаъолияти экстремистӣ»-ро таҳлил карда, ба хулосае меояд, ки дар он истилоҳоти «маблағгузории экстремизм» ва «сафедкунии оммавии экстремизм» ба назар намерасад. Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ дар таҳқиқот бартараф намудани ин ва

дигар ноқисиҳои қонунгузории навини зиддиэкстремистиро тақозо менамояд.

Бо вуҷуди ҳамаи андешаҳои баёнгардида, дар таҳқиқот як қатор навгониҳои дигар дар самти мукаммалсозии КҶ ҶТ манзур карда шудаанд, ки ҷолиби диққат мебошанд. Хусусан, муҳаққиқ пешниҳод месозад, ки моддаи 185 КҶ ҶТ бо сабаби бештар хусусияти террористӣ доштанаш аз номгӯи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки дар моддаи $307^2$ КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудаанд, бардошта шавад ва ба ин номгӯй моддаҳои 143, 307, $307^1$, $307^3$ ва $307^4$ КҶ ҶТ, ки бевосита бо ангезаҳои экстремистӣ содир мешаванд, ворид карда шаванд. Ҳамзамон, дар таҳқиқот пешниҳод гардидааст, ки дар қисмҳои 2 моддаҳои 160, 188, 237, $237^1$ ва 242 КҶ ҶТ бандҳои алоҳида барои бо ангезаҳои экстремистӣ содир кардани ин кирдорҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шаванд. Ғайр аз ин, муҳаққиқ оид ба иваз намудани ном ва диспозитсияи моддаи $307^1$ КҶ ҶТ андешаҳои судманд манзур сохта, бо мақсади риоя гардидани принсипи дифференсиатсияи ҷавобгарии ҷиноятӣ вазнинтар намудани ҷавобгариро барои ин меъёр тақозо кардааст (саҳ. 10-16).

Ҳамин тавр, нуктаҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар охири бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаҳои таҳқиқот ифода ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин, дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти мазкур шаҳодат медиҳад.

**Сатҳи асоснокию боэътимодии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ) ва хулосаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявию методологӣ доранд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро таҳлили махазҳои гуногуни соҳавӣ оид ба аломатҳои таркиби ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва квалификатсияи онҳо, проблемаҳои аз ҳамдигар фарқ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, фарқ кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта аз дигар таркибҳои ҷиноятии ба онҳо монанд, инчунин, корҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки ба масъалаҳои умумии таҳлили тамоюлҳои асосӣ вобаста ба пайдоиш ва ташакулёбии мафҳуми экстремизм дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, хавфи ҷамъиятии экстремизм ва проблемаҳои мукаммалсозии аломатҳои он дар қонунгузории зиддиэкстремистӣ ва пайдоишу ташаккулёбии мафҳуми «экстремизм» дар ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

Дар ин замина, муаллиф аз асарҳои барҷастаи олимони ватанию хориҷӣ ба таври моҳирона истифода карда, андешаҳояшро аз ҷиҳати назариявӣ бозҳам мустаҳкамтар сохтааст. Ҳамзамон, дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқотҳои илмии олимони алоҳида, мақолаҳо, воситаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии онҳо аз лиҳози назариявӣ исбот мегардад, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дар мавзӯи «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бори нахуст мавриди таҳлили амиқи илмӣ дар сатҳи диссертатсионӣ анҷом дода мешавад (саҳ. 6-7).

Ғайр аз ин, паҳлуҳои алоҳидаи таҳқиқот, аз ҷумла, масоили мубрам оид ба аломатҳои таркиби ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва квалификатсияи онҳо, проблемаҳои аз ҳамдигар фарқ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, фарқ кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта аз дигар таркибҳои ҷиноятии ба онҳо монанд дар баробари ҷанбаҳои назариявӣ боз дорои ҷанбаҳои амалие ҳастанд, ки ноқисию мушкилотҳои онҳо бо далелҳои муътамади амалӣ ба

таври професионалӣ исбот гардидаанд. Далели гуфтаҳои боло, ин омӯзиши 100 парвандаҳои ҷиноятии марбут ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва пурсиши сотсиологии 250-нафар кормандони амалӣ аз ҷумла, муфаттишон, прокуророн ва судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (саҳ.10).

**Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** усули умумидиалектикии дарки илмӣ ташкил медиҳад, ки барои омӯзиши воқеияти объективии зуҳуроти ҷамъиятӣ дар раванди инкишоф ва ташаккулёбиашон мусоидат менамояд. Усулҳои муосири умуми илмӣ аз қабили усули таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ки аз усули умумидиалектикии дарки илмӣ сарчашма мегиранд, барои ҳалли вазифаҳо ва ноил гардидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ бо таври васеъ истифода гардидаанд. Инчунин, дар рафти таҳқиқот аз маҷмӯи усулҳои хусусии илмӣ, ба мисли ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, пурсиши сотсиологӣ, мусоҳиба, омӯзиши ҳуҷҷатгузорӣ ва ғ. истифода гардидаанд, ки барои тақвият бахшидани мавқеи муаллиф дар муайян намудани проблемаҳои қонунгузории зиддиэкстремистӣ ва роҳҳои мукаммалсозии он мусоидат намудаанд (саҳ. 9).

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ) ва хулосаҳое, ки дар диссртатсия баён гардиданд.** Диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» махсуб ёфта, он ба мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта равона гардидааст. Дар диссертатсия паҳлуҳои гуногуни проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ба таври зарурӣ таҳқиқ шуда, барои мукаммалсозии қонунгузорӣ пешниҳодҳои дахлдор манзур карда шудаанд. Чунончӣ, муаллиф маҷмӯи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватании муосир навгонӣ ба ҳисоб мераванд:

1) масъалаҳои умумии таҳлили тамоюлҳои асосӣ вобаста ба пайдоиш ва инкишофи мафҳуми экстремизм дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд;

2) хавфи ҷамъиятии экстремизм ва проблемаҳои мукаммалсозии аломатҳои он дар қонунгузории зиддиэкстремистӣ муайян гардидаанд;

3) пайдоиш ва ташаккулёбии мафҳуми «экстремизм» дар ҳуқуқи байналмилалӣ омӯхта шудааст;

4) масоили мубрам оид ба аломатҳои таркиби ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва квалификатсияи онҳо ва проблемаҳои аз ҳамдигар фарқ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта таҳлилу баррасӣ гардида, оид ба онҳо хулосаҳои арзишманд эҷод карда шудаанд;

5) фарқияти ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта аз дигар таркибҳои ҷиноятии ба онҳо монанд мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ бо истифода аз ақидаҳои маъмули дар илм пазируфташуда, дар робита бо қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ исбот карда шудаанд. Онҳо дар муқоиса бо нуктаҳои илимӣ ва хулосаҳое, ки дар илм истифода мешаванд, навгонии илмӣ доранд.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.** Дар баробари муваффақиятҳои зиёди илмӣ, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки барои ҳалли онҳо фикри муаллиф талаб карда мешавад. Ба монанди:

1) дар пешниҳоди № 6 банди «б» мафҳуми ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта манзур карда шудааст, ки ба он чунин эродҳо пешкаш мегарданд:

а) ҷиноятҳои самти экстремистидошта бо ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта омезиш карда шудаанд, ки чандон дуруст нест;

б) қайд гардидааст, ки ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ба сулҳу амнияти байналмилалӣ таҷовуз меоваранд. Ҳол он ки объекти бевоситаи моддаҳои 143, 157, 158, 160, 188, 189, 237, 237[1], 242, 243, 307, 307[1], 307[2], 307[3] ва 307[4] КҶ ҶТ ба сулҳу амнияти байналмилалӣ таҷовуз намекунанд;

в) моддаи 143 КҶ ҶТ, ки ҳамчун ҷинояти хусусияти экстремистидошта дар ин пешниҳод эътироф гардидааст, ба диспозитсияи м. 307[2] КҶ ҶТ мухолифат мекунад ва бо экстремизм алоқамандӣ надорад.

Шарҳи муаллиф оид ба масъалаҳои зикршуда талаб карда мешавад.

2) Дар пешниҳоди № 7 банди «а» муаллиф қайд менамояд, ки моддаҳои 143, 307, 307[1], 307[3] ва 307[4] КҶ ҶТ, ки бевосита дар асоси ангезаҳои сиёсӣ, миллӣ, динӣ, нажодӣ ва маҳалгароӣ содир карда мешаванд, дар номгӯи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки дар диспозитсияи моддаи 307[2] КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, ворид карда шаванд.

Чунин пешниҳод баҳснок мебошад, зеро тамоми ҷиноятҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ метавонанд дар асоси ангезаҳои сиёсӣ, миллӣ, динӣ, нажодӣ ва маҳалгароӣ содир карда шаванд, масалан, одамкушӣ, дуздӣ ва ғайра.

Шарҳи муаллиф оид ба масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

3) Пешниҳодои № 3 ва № 6 банди «в» ба илми ҳуқуқи ҷиноятӣ алоқаманд нестанд.

Шарҳи муаллиф оид ба масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

4) Диссертант дар пешниҳоди № 7 банди «в» қайд менамояд, ки истифода бурдани мафҳуми криминологии «фаъолияти экстремистӣ» дар КҶ мувофиқи матлаб нест. Лекин дар пешниҳодҳои дигараш, масалан, № 7 банди «г», № 6 банди «е» пешниҳод менамояд, ки дар КҶ ҶТ «фаъолияти экстремистӣ» ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят барои бандубасти моддаҳои 307 ва 307[1] аҳамияти хосса дорад.

Шарҳи муаллиф оид ба масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои дар боло зикршуда, аз лиҳози илмӣ, мубоҳисавӣ буда, ба паҳлуҳои илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

**Баҳои ягонагии дохилӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли проблемаҳои мубрами дахлдор, вазифаҳои назариявӣ ё амалӣ.** Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, аз сифати мусбии диссертатсия шаҳодат медиҳанд ва онҳо метавонанд минбаъд, дар таҳқиқотҳои алоҳида вобаста ба ин масъала ва проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта истифода шаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди қонуни ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ дар соҳаи муқовимат бо экстремизму терроризм мусоидат карда, сабаби такмили яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонуни ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, ин пешниҳодҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷиноятҳои давлатӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди корбаст қарор гирад.

**Тасдиқи нашри нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла, дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар автореферати диссертатсия дарҷ ёфтааст, интишор шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор шудаанд, дар диссертатсия, аз ҷумла, дар хулосаи он, инчунин дар автореферат истифода карда шудаанд.

Умуман, муҳтавои асосии диссертатсия дар зиёда аз 26 мақолаи илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 13 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонида шудааст. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия марҳила ба марҳила вобаста ба ҳалли масъалаҳои муайяни бамиёнгузоштташуда дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ низ инъикос гардидаанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла, мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ифода ёфтаанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки ба мавзӯи «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст, аз рӯйи мазмун ва моҳияти хеш фарогири як қатор мушкилотҳои гуногуне мебошад, ки онҳо бо пайдарҳамии мантиқи мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шуда, ҳамаи масъалаҳои дар таҳқиқот дарҷ гардида, ҳалли худро пайдо намудаанд, ки ин аз таҳқиқоти анҷомёфта шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти мазкур дар доираи талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, омода гардида, он бо ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқат менамояд. Аз ин лиҳоз, муаллифи он Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Ҳамин тавр, тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**УДК 340.12+351.71**

МАНСУРЗОДА А.М.
MANSURZODA A.M.
*Начальник организационно-научного и редакционно-издательского отдела Академии МВД Республики Таджикистан, доцент кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, подполковник милиции*
*Сардори шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2-юми Академияи ВКД ҶумҳурииТоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия*
*Head of the Organizational-scientific and editorial-publishing department of the Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan, associate professor of the department of state legal disciplines of the faculty No. 2 of the Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan, candidate of law, associate professor, lieutenant colonel of militia*



e-mail: tam300986@mail.ru

## ОТЗЫВ

**официального оппонента на диссертацию Шарифзода Тахмины на тему «Налоговая функция Республики Таджикистан на современном этапе: вопросы теории и практики», представленную на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.01 – Теория и история права и государства; история правовых и политических учений (юридические науки)**

## ТАҚРИЗИ

**оппоненти расмӣ ба диссертатсияи Шарифзода Тахмина дар мавзӯи «Функсияи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

## REVIEW

**official opponent for the dissertation of of Sharifzod Tahmina on the theme «The tax function of the Republic of Tajikistan at the present stage: problems of theory and practice», presented for the degree of candidate of legal sciences in specialty 12.00.01 - Theory and history of law and state; history of legal and political doctrines (legal sciences)**

Актуальность темы диссертационного исследования Шарифзода Тахмины не вызывает сомнений и обусловлено научно-практической значимостью всестороннего исследования налоговой функции Республики Таджикистан.

На современном этапе развития государства, особенно в условиях создания правового и социального государства налоговая функция занимает особое место, так как правовое и социальное государство требует достаточного экономического базиса, соответствующих стандартов жизни.

После распада СССР Республика Таджикистан выбрала путь создания рыночной экономики. В условиях рыночной экономики основное значение получает функция по

налогообложению и взиманию налогов, которая органично связана с экономикой. Бюджет государства, его финансовые возможности целиком зависят от различного рода налогов, сборов, пошлин и иных обязательных платежей. Отсюда принципиальное значение приобретает государственная политика налогообложения, обязанность государства в интересах социальной справедливости регулировать высокие и сверхвысокие доходы путем прогрессивного налогообложения.

Диссертант поставила перед собой сложную задачу – исследовать в теоретико-практическом плане налоговую функцию, изучить накопившейся опыт и на этой основе представить рекомендации для эффективной организации и осуществления налоговой функции Республики Таджикистан. Несомненной заслугой диссертанта является то, что она приложила немалые усилия для выявления проблем и путей их решения в области налоговой функции государства. Необходимо отметить, что теоретико-практическое исследование налоговой функции Республики Таджикистан, проведенное в диссертационной работе, отвечает потребностям современной науки и практики.

В связи с вышеизложенным можно с полной уверенностью констатировать, что актуальность темы не вызывает никаких сомнений.

Выносимые Тахминой Шарифзода на защиту положения характеризуются глубокой научной обоснованностью, теоретической и практической значимостью, а также дают ясное представление о научной зрелости автора. Сформулированные автором выводы и предложения обстоятельно аргументированы, вследствие чего, вполне заслуживают положительной оценки.

Несмотря на существующие в юридической науке постсоветских государств, в том числе, Российской Федерации исследования налоговой функции государства, а также проведенный анализ отдельных аспектов налоговой функции в работах ученых-юристов Таджикистана, все же, отдельного специального диссертационного исследования налоговой функции Республики Таджикистан на современном этапе в юридической науке республики до недавнего времени проведено не было. С этими выводами диссертанта следует согласиться.

Теоретическую основу диссертации составили широко известные в этой области работы таких авторов, как Д.К. Бобоева, А.В. Брызгалина, А.Д. Гафурова, В.И. Гуреева, Р.Ф. Захаровой, А.В. Золотухина, С.И. Исломова, Ш.М. Исмаилова, М.В. Карасевой, А.А. Козырина, Т. Назарова, Д.С. Муртазакулова, А.А. Соколова, Р.Ш. Сотиволдиева, Т.Ф. Тахирова, Х.Р. Улугходжаевой, С.П. Хаитова, Н.И. Химичевой, А.И. Худякова, С.Д. Цыпкина, Н.А. Шевелевой, Ф. Шомуродова, Л.Н. Юровского, Т.Ф. Юткиной, которые внесли существенный вклад в изучение проблемы налоговой функции государства.

Положения, выводы и рекомендации, содержащиеся в диссертации, основываются на обширном научно-теоретическом и историческом материале, который подвергнут в диссертации обстоятельному анализу. Они базируются также на анализе национального и зарубежного законодательства, исторических источниках, материалах правоприменительной практики.

В процессе исследования диссертантом широко применялись всеобщий метод материалистической диалектики, а также общенаучные и частно-научные методы. Продуктивным стало применение диссертантом специальных юридических методов: историко-правового, логически-структурного, системно-сравнительного, метода экспертных оценок ретроспективного анализа.

Структура работы определяется целями и задачами исследования и логикой их раскрытия. Работа состоит из введения, двух глав, включающих в себя шесть параграфов, заключения и библиографического списка.

В первой главе – «Понятие и содержание налоговой функции государства» в теоретико-правовом и историко-правовом плане осуществлено исследование вопросов роли и места налоговой функции в общей системе функций государства.

Диссертант, исследуя различные подходы, а также поддерживая мнение ученых,

правильно констатирует, что материалистическая наука связывает появление государства и права (прежде всего, в странах Европы) в основном с процессом роста производства и с изменением типа экономики (от присваивающей к производящей) (С. 16).

Отмечается, что переходное состояние страны, общества и права, на базе которого осуществляется их появление и развитие, тесно связаны с внезапным изменением характера и размеров традиционных экономических отношений, временными проблемами в сфере экономики, ослаблением материальной основы страны и права, быстрым падением уровня жизни большого количества граждан (С. 19).

Более того, диссертант, глубоко исследуя трактовку «государственная функция» предлагает свое авторское определение данному понятию, которое заслуживает особого внимания (С. 23-27).

Диссертант на основе проведенного исследования выявила четыре главных задачи государств переходного типа в области экономики: 1) выбор ключевых положений и управления правоотношениями в области экономики; 2) мониторинг соблюдения принятых положений и охрана субъектов экономики; 3) прямая реализация деятельности в области экономики; 4) поддержка организаций негосударственного типа в процессе экономического оборота (С. 34).

Правильно констатируется, что важнейшим видом деятельности любого государства является формирование (мобилизация) государственных доходов. Налогообложение (взимание налогов, налоговая функция) является важнейшим признаком государства на каждом этапе его исторического развития. С одной стороны, государство должно иметь достаточно средств для осуществления своих основных функций (оборона, наука, образование и др.) а с другой – налоговая ноша предприятий и граждан не может быть слишком тяжкой, чтобы не отнимать стимулов к труду и не сдерживать экономику (С. 37). Налоговую функцию можно определить как особо важное направление деятельности государства, целью которого является формирование, поддержание и реализация эффективных общественных отношений по безусловному изъятию части доходов физических и юридических лиц в пользу государства (в первую очередь, в виде налогов), осуществляемую под контролем специального государственного аппарата в определённых формах и посредством определённых методов, обеспеченному принудительной силой государства (С. 39).

Диссертант в политико-правовом аспекте глубоко исследуя труды таких мыслителей, как Себастьен Ле Претр де Вобан (1633-1707 гг.), Шарль Луи Монтескье (1689-1755 гг.), Томас Гоббс (1588-1679 гг.), Оноре Мирабо (1749-1791 гг.), Вольтер (1694-1778 гг.), Жан Симонд де Сисмонди (1773-1842 гг.), Адольф Тьер (1797-1877 гг.) и других ученых мыслителей отмечает важность и необходимость налоговой функции государства в области различных сфер жизнедеятельности общества (С. 50-55). Изучая различные точки зрения ученых-юристов, диссертант обоснованно отмечает, что налоги как экономическое и правовое явление можно определить, как обязательные выплаты граждан, юридических лиц и других субъектов, которые взимаются государственными органами на центральном и местном уровнях. Налог является неотделимой частью ВВП, при этом налогоплательщики не получают непосредственную выгоду от уплаты налогов (С. 56-62).

Особое внимание диссертант уделяет изучению эволюции налоговой функции Республики Таджикистан, так как на протяжении тысячелетий на территории современного Таджикистана господствовали различные государства и правовые системы. Диссертант на основе технико-юридического и сравнительно-правового анализа нормативных и письменных источников периода Мидийского царства, Ахеменидского государства, Арабского халифата, государства Саманидов, Монгольского правления, Туркестанского генерал-губернаторства царской России, Бухарского эмирата, Таджикской АССР, Таджикской ССР и Республики Таджикистан кратким образом осветила процесс развития и недостатков налоговой функции государства (С. 74-98).

Во второй главе – «Основные формы и методы реализации налоговой функции Республики Таджикистан» в теоретическом плане рассматриваются формы и методы реализации налоговой функции Таджикистана.

Диссертант на основе проведенного исследования аргументированно доказала, что чрезмерные налоговые изъятия из доходов хозяйствующих субъектов, как указывалось ранее, могут сдерживать экономический рост или приводить к прекращению предпринимательской деятельности. Эти факторы свидетельствуют о значительной связи налоговой и экономической функций государства (С. 102-104). Правильно отмечается, что налоговые сборы должны быть оптимальны, не иметь негативного влияния на производство, а также на хозяйствующих субъектов, которые функционируют в стране. Одновременно с этим, политическая функция государства направлена на создание системы ответственности лиц, по каким-либо причинам, не уплачивающим налоги и не выполняющим нормы налогового законодательства (С. 120-121).

Более того, диссертант, исследуя правотворческую форму реализации налоговой функции государства, правильно отмечает, что всестороннее рассмотрение налогового правотворчества в качестве категории юридической науки представляется актуальным и имеет практическое значение. Ведь нормальная организация налогового правотворчества влияет на положительный результат его осуществления, принятия эффективных и качественных налоговых законов, и подзаконных актов. Конечно, как и во всяком другом вопросе, необходимо учитывать качественные и количественные показатели, что полностью относится и к законодательству о налогах. Тем не менее, вопрос качественности принятых налоговых законов неоднократно обсуждался, более того, рассматривалась целесообразность сокращения количества законов в этой области. Однако эта проблема носила больше прикладной характер, в широком смысле она не воспринималась (С. 128).

Диссертант, анализируя опыт правотворчества и правоприменительной практики других стран, в том числе, Республики Армения и Республики Беларусь предлагает ряд существенных рекомендаций для совершенствования теории и практики налоговой функции Республики Таджикистан (С. 132-146).

Изучая различные точки зрения ученых-юристов, диссертант четко и обоснованно констатирует, что одной из главных составляющих успешного налогообложения и экономического роста страны является эффективное администрирование налогов (орган налогового администрирования). Налоговое администрирование представляет собой форму реализации налоговой функции государства (С. 148). Стремительный рост рыночной экономики и численности субъектов хозяйственной деятельности, включая производителей сельскохозяйственной продукции, увеличение числа хозяйственных связей с соседними государствами нуждаются в формировании определенной системы налогового администрирования, способствующей эффективной борьбе с теневой рыночной экономикой, коррупцией и нарушениями закона в сфере экономики и налогообложения (С. 158).

Несмотря на общую положительную оценку диссертации Тахмины Шарифзода, необходимо отметить, что работа не свободна от отдельных недостатков.

1. По результатам рецензирования диссертационного исследования, нам кажется, что само название темы диссертации по сравнению с её содержанием, которое в широком смысле раскрывает тематику исследования, не полностью находит должное закрепление в исследовании. По нашему мнению, современный этап развития определенного государства начинается с провозглашения ее независимости и уточняется конкретными датами. Позиция диссертанта, для уточнения наших доводов, крайне важна в рамках публичной защиты.

2. Первое положение, выносимое на защиту, несмотря на ее четкую сформулированность, носит характер констатации фактов, что не вносит существенного в науку и практику искомой научной специальности. По нашему мнению, более аргументированным и взвешенным стали бы де-

тальный анализ современных проблем налогообложения (в условиях действия Таможенного союза и т.д.). В этой связи, в рамках публичной защиты, требуется дополнительная аргументация выводов диссертанта по поставленному вопросу.

Однако высказанные замечания не снижают научной значимости диссертационного исследования Тахмины Шарифзода. Работа обладает качественной научной новизной, теоретической и практической значимостью, в целом соответствует основным предъявляемым требованиям. Автореферат и диссертация соответствует шифру научной специальности 12.00.01 – Теория и история права и государства; история правовых и политических учений.

Диссертация прошла достаточную апробацию. Основные положения диссертационного исследования опубликованы в 10 научных статьях, из них 6 статей опубликованы в рецензируемых научных журналах и изданиях, рекомендованных Высшей аттестационной комиссией при Президенте Республики Таджикистан.

В целом, диссертация Тахмины Шарифзода на тему «Налоговая функция Республики Таджикистан на современном этапе: вопросы теории и практики» является самостоятельной, завершенной научно-квалификационной работой, в которой содержится решение задачи, имеющих существенное значение для теории практики права и государства, и отвечает требованиям, предъявляемым пунктами 10, 11, 14 и 16 Порядка присвоения ученых степеней и присуждения ученых званий (доцента, профессора), утвержденного Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 26.10.2016 г. № 505, и свидетельствует о том, что её автор – Шарифзода Тахмина заслуживает присуждения искомой ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.01 – Теория и история права и государства; история правовых и политических учений (юридические науки).

# МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН

## ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ
## TRIBUNE OF YOUNG SCIENTISTS

**УДК 343.982.4 (575.3)**

# РАЗРАБОТКА КЛАССИФИКАЦИИ ОБЩИХ ПРИЗНАКОВ ПОЧЕРКА ТАДЖИКСКОЙ ПИСЬМЕННОСТИ

# КОРКАРДИ ТАСНИФИ АЛОМАТҲОИ УМУМИИ ТАРЗИ НАВИШТИ ХАТТИ ТОҶИКӢ

# DEVELOPMENT OF THE CLASSIFICATION GENERAL FEATURES OF TAJIK WRITING

БУРИЕВ Д.А.
BURIEV D.A.
*Адъюнкт адъюнктуры Волгоградской Академии МВД России, капитан милиции (Республика Таджикистан)*
*Адъюнкти адъюнктураи Академияи ВКД Россия дар ш. Волгоград, капитани милитсия (Ҷумҳурии Тоҷикистон)*
*Adjunct adjunct at the Volgograd Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia, captain of militia (Republic of Tajikistan)*



e-mail: abdusalim_91@mail.ru

*Научная специальность:* 12.00.12 - криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность.
*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.12 - криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.
*Scientific specialty:* 12.00.12 - criminalistics; forensic activities; operational investigative activities.

*Рецензент*: АНЧАБАДЗЕ Н.А. – профессор кафедры исследования документов Учебно-научного комплекса экспертно-криминалистической деятельности Волгоградской Академии МВД России, кандидат юридических наук, доцент (научный руководитель).
*Тақриздиҳанда*: АНҶАБАДЗЕ Н.А. – профессори кафедраи таҳқиқоти ҳуҷҷатҳои комплекси таълимӣ-илмии фаъолияти ташхисӣ-криминалистии Академияи ВКД Россия дар ш. Волгоград, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент (роҳбари илмӣ).
*Reviewer*: ANCHABADZE N.A. - professor of the department of Research of documents of the educational and scientific complex of forensic expertise of the Volgograd Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia, candidate of legal sciences, associate professor (supervisoror).

*Аннотация:* В статье подробно освещается процесс и кратко - результаты экспериментального исследования общих признаков почерка в рукописях, выполненных на таджикском языке. Такие исследования до сей поры не проводились, т.к. эксперты-почерковеды МВД Республики Таджикистан при исследовании таджикских почерков до сих пор пользуются систе-

мой признаков почерка, которая была разработана 50 лет назад в России для исследования русской скорописи. Основой эксперимента стал почерковый массив (466 рукописных текстов, выполненных на таджикском языке), специально собранный и обработанный автором статьи. В результате, впервые в криминалистике, была разработана система общих признаков почерка таджикской письменности, а также подсчитана частота их встречаемости в рукописях, выполненных на таджикском языке.

*Ключевые слова:* экспериментальные исследования, рукописи, таджикский язык, общие признаки, почерк, таджикская письменность.

*Аннотатсия:* Дар мақола дар бораи раванди муфассал ва мухтасар - натиҷаҳои омӯзиши таҷрибавии хусусиятҳои хатти маъмул дар дастхатҳои ба забони тоҷикӣ муҳокимашуда рушанӣ андохта мешавад. То имрӯз чунин таҳқиқот гузаронида нашуда буданд, зеро мутахассисони хатшиноси ВКД ҶТ дар омӯзиши хатти тоҷикӣ то ҳол аз системаи аломатҳои хаттӣ, ки 50 сол пеш дар Русия барои омӯзиши хатти русӣ таҳия шудааст, истифода мебаранд. Озмоиш дар заминаи 466 матни дастнавис, ки онро муаллифи мақола махсус ҷамъоварӣ ва коркард намудааст, асос ёфтааст. Дар натиҷа, бори аввал дар илми криминалистӣ системаи аломатҳои умумии хатти тоҷикӣ таҳия карда шуд ва басомади пайдоиши онҳо дар дастхатҳои ба забони тоҷикӣ таҳияшуда ҳисоб карда шуд.

*Вожаҳои калидӣ:* таҳқиқоти таҷрибавӣ, дастхатҳо, забони тоҷикӣ, аломатҳои умумӣ, навиштор, хатти тоҷикӣ.

*Annotation:* The article examines in detail the process and results of an experimental study of the common features of handwriting in manuscripts made in the Tajik language. Such studies have never been conducted before. Handwriting experts of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, when studying Tajik handwriting, still use the handwriting feature system, which was developed 50 years ago in Russia for the study of Russian cursive writing. The experiment consisted of a handwritten database, including 466 manuscripts, performed in the Tajik language, specially collected and researched by the author of this article. As a result, for the first time in forensics, a system of common signs of Tajik writing was developed, as well as the frequency of their occurrence in manuscripts, performed in the Tajik language.

*Keywords*: experimental research, manuscripts, Tajik language, common features, handwriting, Tajik writing.

Исследование рукописей, выполненных на таджикском языке, является одной из наиболее актуальных и сложных проблем судебного почерковедения. В Таджикистане данными исследованиями не занимались больше полувека. Естественно, за такой период в этой области накопилось очень много проблем теоретического, методического и практического аспектов. Объем статьи не позволяет даже кратко остановиться на их освещении, поэтому сразу переходим к решению одной из них, а именно разработке классификации общих признаков почерка таджикской письменности.

Для этого были проведены специальные экспериментальные исследования, состоящие из четырех этапов:

1) предварительной подготовки;
2) выполнения экспериментальных текстов на таджикском языке;
3) специальной обработки полученных данных;
4) разработки системы общих признаков почерка таджикской письменности.

В процесс *предварительной подготовки* входили: подбор экспериментального текста; подготовка раздаточного материала, выбор групп экспериментируемых лиц; организация одинаковых (по возможности) условий для выполнения рукописи.

В первую очередь, был подобран текст - «Диктанти санљишї» («Проверочный диктант»), в котором рассказывается о том, что в Таджикистане в конце каждого учебного года учениками всех классов выполняются так называемые «старательные» диктанты

(для перехода в следующий класс). Объект насчитывает 1774 письменных знаков, что соответствует рукописям большого объема. Текст подбирался с учетом обязательной встречаемости редких письменных знаков и неоднократного повторения частовстречаемых букв. С целью изучения самостоятельных фрагментов он был дополнен датой и подписью.

Далее был подготовлен раздаточный материал. Для каждого испытуемого это был размноженный с помощью компьютерной техники вышеописанный текст, пишущий прибор и лист бумаги. Пишущими приборами были шариковые ручки с темным красителем. Листы белой стандартной (формата А4) нелинованной бумаги были снабжены трафаретами для фиксации основных личностных характеристик испытуемых и объема практики письма на таджикском языке.

В качестве экспериментируемых лиц были привлечены студенты и молодые преподаватели Технологического университета и Института предпринимательства и сервиса Республики Таджикистан, сотрудники Экспертно-криминалистического и других управлений МВД Республики Таджикистан, представители Военно-воздушных сил Министерства обороны и сотрудники Городского центра здравоохранения №4 г. Душанбе Республики Таджикистан.

Таким образом, всего было 5 групп испытуемых. Участвовало в эксперименте 466 человек таджикской национальности с высшим, неполным высшим и средним специальным образованием. По полу и возрасту испытуемые распределились следующим образом: лиц мужского пола было 283 человека, женского – 183 человека. Крайний возраст их составил 20 и 45 лет. В основном же возраст лиц, принимавших участие в эксперименте, колебался от 20 до 35 лет.

Организация одинаковых (по возможности) условий для выполнения рукописи заключалась в том, чтобы испытуемые разных групп писали тексты одним и тем же способом (списыванием), в приблизительно одинаковой обстановке (в обычной для каждого позе, сидя за столами, в лекционном зале или учебной аудитории - для студентов, на своих рабочих местах - для служащих), в одно и тоже время (в утренние (с 9 до 11) или послеобеденные (с 14 до 16) часы, являющиеся для человеческого организма наиболее благоприятными для работоспособности), при одинаковом освещении. Последнее условие не было выдержано, так как вид освещения во время проведения эксперимента был разным: естественным (дневным), искусственным (электрическим) или смешанным. Однако, во всех случаях он был достаточным для выполнения рукописи без какого-либо напряжения зрительного анализатора.

Для выполнения экспериментальных рукописей, как было указано выше, подобранный текст был напечатан и размножен в необходимом количестве с помощью компьютерной техники. Перед началом эксперимента он раздавался каждому испытуемому. При этом разъяснялись цель и задачи эксперимента, указывалось на значение соблюдения условий его проведения. Все образцы почерка выполнялись путем списывания текста. Время на его выполнение не ограничивалось. Однако испытуемым давалась установка: не изменять привычные для них конструкции букв, т.е. не писать специально красиво или быстро, не усложнять или упрощать письменные знаки. Весь экспериментальный материал должен быть выполнен обычным, «родным» почерком.

В итоге, у 466 испытуемых лиц в течение 1,5 месяцев было отобрано соответственно 466 рукописей большого объема, выполненных на таджикском языке в обычных условиях. Этот почерковый материал явился основной экспериментальной базой.

*Обработка исследуемого материала* заключалась в следующем:

В-первых, все экспериментальные рукописи в произвольном порядке были пронумерованы от 1 до 466. Нумерация ставилась от руки в верхнем правом углу листа бумаги.

Во-вторых, в компьютерном варианте, был составлен бланк таблицы-разработки исследуемых рукописей. Таблица состояла из 6 граф, основными из которых были: № 2 - Наименование и конкретное выражение признака и № 3 – Абсолютная частота

встречаемости признака. Графы 4-6 были дополнительными. В графе 4 указывалась частота встречаемости признака, подсчитанная в процентах; в 5-ой графе – относительная частота встречаемости признака; в 6 графе - № объекта, выбранный для иллюстрации выявленного признака.

Относительная частота встречаемости признака определялась по известной формуле:

$$W = \frac{m}{n},$$

где $W$ - относительная частота встречаемости признака; $m$ - количество рукописей, в которых встретился исследуемый признак; $n$ - общее количество экспериментальных текстов (в данном случае – это 466 рукописей, выполненных на таджикском языке).

Графа № 6 после подготовки всего иллюстрируемого материала, как выполнившая свою миссию, была удалена.

После подготовки черновой таблицы-разработки, в ней (конкретно, в графе № 2) была расписана вся система общих признаков почерка русской письменности. Помимо названия признаков, были указаны их варианты, которые гипотетически, по усмотрению автора, могли бы встретиться в рукописях, выполненных на таджикском языке.

Основная же обработка материала заключалась в выявлении всех вариантов и подвариантов конкретного выбранного для исследования общего признака почерка в экспериментальных объектах. Для этого тщательно исследовались все 466 рукописей и раскладывались на стопки по вариантам и подвариантам анализируемого признака.

В процессе данной работы определялись авторские уточнения выбора признака. Например, «отсутствие полей» будет считаться в тех случаях, когда расстояние от боковых краев листа бумаги, соответственно, до начала (для определения левых полей) или окончания строк (для определения правых полей) будет равно 5 мм и менее.

Затем подсчитывалось количество рукописей в каждой стопке. При этом ещё раз анализировался исследуемый признак в каждой рукописи. Таким образом определение варианта и подварианта признака почерка осуществлялось два раза (было основным и проверочным).

Если при выбранных параметрах количественного признака (например, размера почерка) средние значения были равны или даже меньше больших и малых, признак пересчитывался по новым критериям, т.е. для установления моды (средних значений) количественного признака многие варианты пересчитывались уже три раза.

